МУЛЛО ҚУРБОНИ ШАЙДО

# ЧАМАНИ ИШҚ

Душанбе
«Адиб»
2016

ББК 84 Тоҷик 7-5

М-55

*Ба ҳамсари азизу меҳрубонам мебахшам*

Муҳаррир *Мубашшири Акбарзод*

М-55 **Мулло Қурбони Шайдо. Чамани Ишқ** (маҷмӯаи шеърҳо).
– Душанбе, «Адиб», 2016, 160 саҳ.

Китоби ҳозир маҷмӯаи чаҳоруми Мулло Қурбони Шайдо мебошад. Муаллиф аслан геолог аст, вале аз оғоз ишқу алоқаи доимӣ ба шеъру адаб дорад ва бардоштҳои худро аз ҳаёт дар қолаби назм мерезад. Умед аст, ки мақбули хотири хонанда гардад.

ISBN 978-99947-2-427-7

© Нашриёти «Адиб», 2016

## АСЛАМ ГУҲАРУ ДИЛАМ ГУҲАРЗОД
## ё
## доири як геолог-ганҷӯй, ки ганҷи сухан ҳам дарёфт

Вай ҷӯянда бошад, ҷӯяндаи симу зар, маъдану ғановат аз синаи кӯҳ, аз дили санг. Яъне пешаи геологӣ дорад.

Пешаи падараш Бобо Қурбонов ҳам геолог буд. Падар аз миёни миллати тоҷик ягона кӯҳкан маҳсуб мешуд, ки унвони олии Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистии Иттифоқи Шӯравиро сазовор гардида.

Худованди бахшандаи меҳрубон барои писари ин марди қаҳрамон, яъне Мулло Қурбони Шайдо ғайри касби кӯҳканӣ, ҳамчунин ҷӯяндагии дигар ҳам дода, яъне ҷустани сухан аз кони маъонӣ. Дар ин пеша низ то ҳаде муваффақ шуда, ки чанд китоби ашъораш нашр гардида, ба амсоли «Ҷамоли ишқ», «Ҷоми ҷонон», «Ашки ошиқ» (бо ҳуруфи кириллик) ва «Паёми мижгон» (бо ҳуруфи ниёгон) ва онҳо дасто ба дасти ганҷхоҳони фитрат ва хирад мегардад. Басо газалу дубайтихои ишкиву ирфонии дилнишин дорад, ки бастаи пешаи худаш бошад ва ҳамчунин онҳо муҳаббати дилаш бошанд ба зиндагӣ ва зиндагон ва хонандаро бетараф нагзоранд, балки шайдо бисозанд:

*Фарҳод манам, ягона Фарҳод,*
*Ҷӯям раҳи ту зи синаи бод*

*Мачнун манаму ягона Мачнун,*
*Кай Лайливаше зи ман кунад ёд.*

*Сад нола кунам зи дарди ишқат,*
*Фарёд занам, зи сина фарёд.*

*Парвона манам, масӯз худро,*
*Парвона маро модарам зод.*

*Шайдот манаму ягона Шайдо,*
*Аслам гуҳару дилам гуҳарзод…*

Суханро ба дарозо намекашему бо ин китоб пораҳои дигари ашъори геолог - шоири ҷӯяндаро пешкаши ҳаводорони каломи бадеъ мегардонем. Ва боварӣ дорем хушатон меояд.

Абдурофеъ Рабизода (ШЕРАКИ ОРИЁН)
*дорандаи ҳафт ҷоизаи байналхалқӣ.*

# ҒАЗАЛҲО

* * *

Чӣ бад кардем дар назди Худованд,
Ки таърих инчунин моро пароканд?

Зи шаҳри Чоч дудам бар ҳаво рафт,
Тасаллоям намебахшад дигар «Занд».

Куҷо шуд Омуи хушрӯю зебо?
Ҷудо карданд модарро зи фарзанд.

Хазон карданд нахли қисматамро,
Гаҳе бо ангубин, гоҳе ба лабханд.

Гирифта пеши роҳамро ба найза,
Басо тарсуи ноаҳли танумонд.

Бигирям бар азоби ҳамзабонон,
Бувад ғамҳоям афзунтар зи Алванд.

Зи Шайдо ту маҷӯ роҳи Бухоро,
Ки барбастанд худ роҳи Самарқанд.

* * *

Эй париру̅, бар ту ошиқ гаштаам,
Ёри хушру̅, бар ту ошиқ гаштаам.

Хандаҳоят ҳамчу лабханди баҳор,
Эй суманбу̅, бар ту ошиқ гаштаам.

Мехиромию диламро мебарӣ,
Эй сияҳму̅, ба ту ошиқ гаштаам.

Аз ҳузурат бас сафое ёфтам,
Сарви дилҷу̅, бар ту ошиқ гаштаам.

Нест мислат на ба Шарқу не ба Ғарб,
Хубу хушху̅, бар ту ошиқ гаштаам.

Мебарам бо хеш дардатро ба гу̅р,
Ку̅и бар ку̅, бар ту ошиқ гаштаам.

Су̅и Шайдои ҳазини худ нигар,
Моҳи хушру̅, бар ту ошиқ гаштаам.

* * *

То кушодам чашми худро, навҷавониям гузашт,
То расидам бар дари дил, комрониям гузашт.

То ба маҳфил ошно гаштам, парешонӣ расид,
Ҳамчу булбул нағмаю ширинзабониям гузашт.

То фиребидам худамро бо сароби зиндагӣ,
Мӯйи ман шуд сап-сафеду бехазониям гузашт.

Нек санҷидам, маро як ёри ҷоние набуд,
Бо тамасхур аз бари ман ёри нониям гузашт.

Офтоби қисмати ман рафт бар сӯи ғуруб,
Маҳв гардидам, замони бекарониям гузашт.

Бо хаёли бӯса аз лаъли лаби майгуни ёр,
Зиндагӣ аз кӯи қалби ормониям гузашт.

Кардаам рангин ба шеъри хеш, Шайдо, синаро,
Хушк гашта сабзазору шеърхониям гузашт.

* * *

Гир андар гӯши худ панди падар,
То ки гардӣ байни мардум муътабар.

Некхӯ мебошу меомӯз илм,
Дар дили мардон ҳамеша кун сафар.

То ки бошӣ андар ин олам муқим,
Бош дар олам чу нахли пурсамар.

Хоксори пеша созу шод бош,
Аз такаббур сад бало ояд ба сар.

Фӯки худ ҳаргиз макун бар осмон,
Гар қадам монӣ, ба пеши по нигар.

Аз саховат қалбҳоро шод дор,
Соз парҳез аз тамоми шӯру шар.

Ёд кун аз хуфтагони зери хок,
Умри одам ҳаст боди даргузар.

Вақти тангӣ, вақти сахтиҳои худ
Рӯйи худ овар ба сӯи додгар.

Номи худ бо хулқи хубат зинда дор,
Гар кунад Шайдо аз ин олам гузар.

* * *

Чӣ кунам, то ба қадат роҳи сухан бикшоям,
Сар ба зонут ниҳам, рози куҳан бикшоям.

Ба ҳавас даста кунам мӯи парешони туро,
Дасти худ шона кунам, банди расан бикшоям.

Зи чаманзори хаёли мани ошиқ ту марав,
Ҳамчу мурғи саҳарӣ сеҳри чаман бикшоям.

Ман ҳариси лабу дандону забонат ҳама умр,
Баҳри ташбеҳи рухат қуфли даҳан бикшоям.

Мушки гесӯи парешони ту аз мулки Хутан,
Кай ба гесӯи хушат роҳи Хутан бикшоям?!

Гар бимирам зи ғамат, хок шавам кунҷи мазор,
Чу биёӣ ба сарам, чоки кафан бикшоям.

Сабр кун, реши куҳанро макушо, эй Шайдо,
То ба ту қиссаи он аҳдшикан бикшоям.

* * *

Ман намехоҳам, ки рӯзи марги ман исён шавад,
Рӯ канад зебо нигорам, бар сарам гирён шавад.

Ман намехоҳам, ки ӯ резад зи дида ашки хун,
Нолаҳои зор созад, дар ғамам бирён шавад.

Ман намехоҳам, ки ӯ дар мотамам пӯшад сияҳ,
Дар миёни қабрҳо гӯри маро чӯён шавад.

Ман ҳамехоҳам, ки Қуръон дар забони ӯ шавад,
Марги зебоям , нигоро, панди бадхӯён шавад.

Лавҳае аз санги хоро нест бар қабрам зарур,
Бошад авроқи ғазал, ҷои парирӯён шавад.

Ман намехоҳам, ки Шайдо обрӯ ёбад зи шеър,
Лек умре дар вафои ту ғазалгӯён шавад.

* * *

Биё, эй соқии маҳрӯ,
Маро афсонаҳо кам гӯ.

Шароби ҷонфизоям рез,
Сухан аз мутрибу най ҷӯ.

Фароғи дил кунам ҳосил,
Сухан бо ман бигӯ некӯ.

Дилам бурдӣ ба зебоӣ,
Магар кардӣ маро ҷоду?

Баҳори ҷовидон дорад
Сари зулфи сиёҳи ту.

Ниҳоли қоматат боло,
Ба чашми ман гули худрӯ.

Марав аз дидаи Шайдо,
Сияҳчашми камонабрӯ.

* * *

Ҳилоли зулфи печонат маро кушт,
Нигоҳи шӯхи чашмонат маро кушт.

Чунонам ташнаи оби висолат,
Шароби лаъли хандонат маро кушт.

Хиромон меравӣ бо ишваву ноз,
Ҳавои мавҷи домонат маро кушт.

Ҷаҳони ишқи ту доми фиреб аст,
Фиребу аҳду паймонат маро кушт.

Ба қалби ғамгусорам мезанӣ теғ,
Хаданги теғи мижгонат маро кушт.

Бишуд Шайдо гадои бӯсае чанд,
Хумори захми дандонат маро кушт.

* * *

Шамси рухсори ҷаҳонсӯзи ту бар ҷонам занад,
Оташи сӯзанда бар меҳробу имонам занад.

Кӯр гардам, то набинам чеҳраи зебои ту,
Ханҷари мижгони ҷонсӯзат ба чашмонам занад.

Ончунон бурдӣ дилам, ҳаргиз намеоям ба худ,
Турки шаҳрошӯби ман бо теғи пинҳонам занад.

Кай биёяд ёри ҷонӣ, гирадам андар бараш,
Он лаби майгуни худ бар лаъли ларзонам занад.

Ваҳ, чӣ сон созам фаромӯшат, ки ҷонам мебарӣ,
Ман, ки бемори туам, дардат ба дармонам занад.

Дафтару девони ман бо номи ту зебанда шуд,
Тарси он дорам, ки ӯ оташ ба девонам занад.

* * *

Бӯсаи ширини ту ширин кунад коми маро,
Дурди лабҳои ақиқат пур кунад ҷоми маро.

Бе хату рухсору зулфу қомати ту чун кунам,
Мебарӣ ҳар лаҳза аз дил сабру ороми маро.

Нағмаи зеру бами ишқат маро девона кард,
Ишқи ту то арши аъло мебарад номи маро.

Ҷуз рухи зебои ту чизе нахоҳам дар ҷаҳон,
Мегурезӣ аз назар, нашнида пайғоми маро.

Ман ҳамонам, ошиқи ту, ошиқи Шайдои ту,
Ту чаро бо бевафоӣ бишмарӣ гоми маро?

* * *

Эй қалби ноороми ман, дар ошиқӣ ором бош,
Чун Юсуфи зиндоншуда бадному хушфарҷом бош.

Парвоз кун, парвоз кун, парвоз кун гирди ҷаҳон,
Чун булбули масти чаман дар мулки Руму Шом бош.

Ё мисли Моҳу Муштарӣ аз худ хабар деҳ бар ҷаҳон,
Ё дар фазои синаам истораи гумном бош.

Эй қалби пурсавдои ман, савдои ҷони ман макун,
Гар ҷони ман хоҳӣ, ситон, бар умри ман анҷом бош.

Мафтун машав аз ишқи ёр ин дарду доғат мекушад,
Эй булбули шириннаво, ором гиру ром бош.

Шайдо сухан кӯтоҳ кун, фарҷоми умрат мерасад,
Май нӯш бо зеборухон, ором шав, ором бош.

* * *

Гирифтори ҷафои ёрам, эй дил,
Гаҳе масту гаҳе ҳушёрам, эй дил.

Маро расвои олам кард ишқат,
Зи буди хештан безорам, эй дил.

Чунон озурдаам, бо худ наоям,
Зи дарди ҳаҷри ту беморам, эй дил.

Фурӯзон шав чу ахгар, шуъла мезан,
Бисӯзон ҷумлаи осорам, эй дил.

Биё, сар бар дили бемори ман неҳ,
Ба поят ҷони худ биспорам,эй дил,

Ба Шайдо ёр бошу дӯст дораш,
Ки масти ин гулу гулзорам,эй дил.

* * *

Рӯ карда аз мо як тараф, ҷонона танҳо меравад,
Сад ошиқи гумкардадил бо шӯру ғавғо меравад.

Чун шамси тобон ин саҳар, гулбаргу райҳон дар назар,
Сарви хиромон дар гузар, ҷон аз тани мо меравад.

Маҷнун гирифтори ҷафо, Юсуф гирифтори бало,
Лайли ба саҳро меравад в-аз мо Зулайхо меравад.

Эй чашмаи оби ҳаёт, эй сархати бахту нишот,
Бо ман бимон, аз ман марав, аз дида дарё меравад.

Озурда кардам пои худ, майхона кардам ҷои худ,
Шайдо, ки масту зор буд, аз даст мино меравад.

* * *

Бе ту, эй ороми ҷон, номи хушам Шайдо набуд,
Номи ман дар дафтари аҳли қалам пайдо набуд.

Чашми ту, абрӯи ту, рӯи маҳу гесӯи ту,
Сархати байту ғазалҳои мани расво набуд.

Хотири ошуфтаам аз ҳарфи ту обод гашт,
Шамъи равшан бе ҷамолат нури ин дунё набуд.

Бистару болин маро аз ашки хунин тар шуда,
Гарчи дар наздат, нигоро, мавҷаи дарё набуд.

Лолазори қалб аз саҳрои ишқат баҳра ёфт,
Лек дар базми рақибон бодаю мино набуд.

Ҷони ман бодо фидоят, раҳнамои роҳи ишқ,
Ин куҳистонӣ ба кӯи ошиқӣ пӯё набуд.

Тоби ҳуснат раҳнамои қалби Шайдо буду ҳаст,
Варна дар Ғезан чунин як булбули гӯё набуд.

* * *

Фасли баҳору чаҳ-чаҳи мурғи чаман хуш аст,
Бӯсу канор бо гули нозукбадан хуш аст.

Дар гиру дори ҳастии дунёи даргузар,
Моро макидан аз лаби шириндаҳан хуш аст.

Эй дилрабо, ҳамекашӣ дилро ба сӯи хеш,
Ҷавру ҷафои ту чунин бар ҷони ман хуш аст.

Нозу адо бас аст, ту банди қабо кушо,
Эй сарв, нахли қоматат бе пираҳан хуш аст.

Бе рӯи нозанини ту хуни ҷигар манам,
Номи туям, азизи ман, андар даҳан хуш аст.

Шайдо биёву баҳри мо акнун ғазал саро,
Овои ошиқонаат дар анҷуман хуш аст.

* * *

Соқӣ қадаҳ бикун пур аз бодаи муғона,
Аз кӯраи дили ман оташ занад забона.

В-аз оташи баландам сӯзад тамоми гардун,
Гарчанд тири гардун ояд маро ба шона.

Бигзор то ба зулфат дастам расад, нигоро,
Аз ту ҷудо нагардад дил бо дусад баҳона.

Шавқи лаби ту дорам, ширу шакар лабонат,
Чун маҳ зи тоқи гардун сӯям баро шабона.

Эй масти покдоман, моро намепазирӣ,
Ашкам чакад ба ёдат ҳар лаҳза дона-дона.

Ҷуз хоби андаки худ рӯи хушат набинам,
Ишқат ба маркази дил умрест карда хона.

Хуш дор, эй рақиби Шайдои хастаи зор,
Аз мо бувад нишона, девони ошиқона.

* * *

Шароби ноб мехоҳам, ки то аз ҳуш барад моро,
Ғубори ғам барад аз дил, навозад тори дилҳоро.

Навоз,эй мутриби хушнай, навои нотамомамро,
Саро, эй ҳофизи хушхон, суруди шӯхи Шайдоро.

Биё, эй ёри майгунлаб, лабонатро зи нав бӯсам,
Ғаму дардам сарояд дил, нигар чашми ду дарёро.

Зи ишқи ту маро дар ин ҷаҳон дигар таманно нест,
Фақат рӯи туро хоҳам, ту бинмо рӯи зеборо.

Чу Маҷнун дар биёбони ҷунун афтодаам имрӯз,
Зи кӯҳу дашт меҷӯям ҳамеша кӯи Лайлоро.

Намехусбад дилам аз ишқи беҳосил тамоми умр,
Ту, эй сангиндили Шайдо, надонӣ сӯзу савдоро.

* * *

Расво шудам, расво шудам, дар ошиқӣ, расвои ту,
Пайдо шудам, пайдо шудам, дар олами пайдои ту.

То кай фироқи рӯи ту сӯзад маро, созад маро,
Аз баҳри хомӯшиданам дарё шудам, дарёи ту.

Охир ба ёди рӯи ту ду дида хунборон шуда,
Ман додхоҳи қисматам аз ишқи бемаҷрои ту.

Шабҳо ба ёди рӯи ту хобам намеояд падид,
Бо худ будам, бе худ шудам, дар кишвари савдои ту.

Эй нури дури дидаам, то кай ҷудо бошӣ зи ман,
Умрест раҳпоймо шудам, бар ҷониби маъвои ту.

Эй ахтари бахти сафед, дар роҳи ишқат бо умед,
Пайдо шудам, шайдо шудам,шайдо шудам, Шайдои ту.

* * *

Ман насими беқарорам,
Қосиди фасли баҳорам.

Ҳар гаҳе чун лолаи тар,
Дар сари зулфи нигорам.

Мисли боди бомдодӣ,
Мебарам пайғоми ёрам.

Дар биёбони фироқаш
Ошиқи шайдою зорам.

Чашмаи оби ҳаётӣ,
Нӯши ту рафъи хуморам.

Дар чаманзори хаёлат,
Чун садои обшорам.

Ишқи ту, ҷоно, бисӯзад,
Ҷисму ҷони бемадорам.

Баъди ҳиҷрону сабурӣ,
Ман талаб як бӯса дорам.

Раҳм кун бар ҳоли Шайдо,
Чун дигар сабре надорам.

* * *

Эй боди сабо, шона бикун зулфи дуторо,
Эй бахт, ба сарҳо бирасон мурғи ҳуморо.

Хоҳам, ки ҳамоғӯши мани зор ту бошӣ,
Бо нозу адо боз кунӣ банди қаборо.

Эй соқӣ, ту биё, ваъдаву паймон чу дигар буд,
Дар хок мазан қавли худу аҳду вафоро.

Эй Юсуфи Мисрӣ, сари бозори вафо, о,
Бо бӯса яке шод намо хотири моро.

Ошуфта макун ин дили девонаи Шайдо,
Дар маслаки дил васф кунад ҳусни шуморо.

* * *

Дӯстон тарзи гуҳар суфтан маро осон набуд,
Дар диёри ҳарф гуфтан қалби ман меҳмон набуд.

Аз сухангӯӣ забонам лол будӣ доимо,
Касби ман ҷӯяндагӣ буду сухан пӯён набуд.

Хостам то синни пирӣ кони зар пайдо кунам,
Шеъри ман монанди касбам ҳеҷ гаҳ шоён набуд.

Эй Худо, чун муждаи илҳом бо амрат расид,
Шукргӯии маро бар даргаҳат поён набуд.

Гар бимирам, баъд аз ин осуда мехобам ба хок,
Дар ҷаҳони шеър ҳаргиз шоире пинҳон набуд.

Бо ҳақорат бар мазори қалби Шайдо нангаред,
Чун сухан як қатра аз дарёи пуртуғён набуд.

* * *

Дарди маро табиби ман дармон намекунад,
Ё рафтани ҷон аз бадан осон намекунад.

Рафтам ба кӯи бевафо аз баҳри диданаш,
Як шаб маро ба хонааш меҳмон намекунад.

Парвонасон месӯзадам дар оташи фироқ,
Раҳме ба ҷону дидаи гирён намекунад.

Шарм аз худо бигуфтаву бӯсе намедиҳад,
Ин қолаби шикастаро вайрон намекунад.

Гуфтам лабаш бибӯсаму мирам ба пеши пош,
Қанди лабаш барои ман арзон намекунад.

Гар ҷон талаб кунӣ диҳад Шайдо барои ту,
Ҷонро барои дигарон қурбон намекунад.

* * *

Ба ман боди сабо бӯи ту овард,
Насими форами мӯи ту овард.

Дилам манзилгаҳи ишқу хаёлат,
Фироқи рӯи ту сӯи ту овард.

Чунонам ташнаи оби висолат,
Хумори ташнагӣ ҷӯи ту овард.

Ба фасли бехазони ошиқона
Фусуни чашми ҷодуи ту овард.

Зи дарди ишқи ту девона гаштам,
Чунин савдо маро кӯи ту овард.

Мапӯшон рӯи худ аз чашми Шайдо,
Маро кӯят гули рӯи ту овард.

* * *

Вуҷуди ишқ туғён офариданд,
Варо пуршӯру исён офариданд.

Алорағми шаётин рӯзи аввал,
Маро бо чашми гирён офариданд.

Бипӯшам чашм аз амволи фонӣ,
Зи модар баски урён офариданд.

Зи гармии вуҷуди хеш сӯзам,
Маро хуршеди тобон офариданд.

Ҷаҳони обу гил суде надорад,
Ҷаҳони дигар ин сон офариданд.

Барои кофарону бадниҳодон,
Ба дӯзах нори сӯзон офариданд.

Барои содиқони ишқи маъбуд,
Биҳишту ҳуру ғилмон офариданд.

Ту шоҳи ишқу ҷони ошиқонӣ,
Маро Шайдои хубон офариданд.

* * *

Бе рӯи дилкашат шомам саҳар нашуд,
Талхӣ нарафтаву комам шакар нашуд.

Магрез аз назар, раҳме ба мо намо,
Туҳфа ба ошиқат лахти ҷигар нашуд.

Бахти баланди ман ишқи ту буду ҳаст,
Аммо ба тангиам рӯзе сипар нашуд.

Шабҳо ба ёди ту хобам намебарад,
Тифли сиришки ман соҳибҳунар нашуд.

Бинам хазонаи ҳусни накӯи ту,
Домони орзу чун пургуҳар нашуд.

Муштоқи рӯи ту Шайдои мо шуда,
Лутфе намо, ки ӯ соҳибназар нашуд.

* * *

Эй ки аз ҷон хуштарӣ, ту Муштарӣ, ё Офтоб,
Ё фаришта, ё малак, ё ҳур, ё ҷоми шароб?

Хӯшаи Парвин туӣ, имшаб рухат аз ман матоб,
Ахтарӣ ё ахгарӣ, ё ту магар рахши шиҳоб?

Дар раҳат афтода умре ошиқони беҳисоб,
Маст ё ҳушёр, ё бедор, ё сармасти хоб.

Ташналаб афтодаам бо сӯз дар роҳи ҷунун,
Баҳр ё оби равон, баҳри фиребӣ ё сароб?

Солҳо ҷустам туро андар замину осмон,
Шом ё субҳи сафоӣ, ё Қамар зери ниқоб?

Аз шамими зулфи ту Шайдои мо девона шуд,
Накҳати ҳар тори мӯят беҳтар аз сад мушки ноб.

* * *

Аз куҷо омадӣ, эй бод, ки девона шудам,
Сар ба савдо задаму манзили ҷонона шудам.

Ин гуноҳест, ки ман кардаму ту бахшоӣ,
Чу ба ёди рухи ту сокини бутхона шудам.

Ганҷи ишқат бипазируфтаму ночиз шудам,
Пеши мардум чӣ касам, соҳиби вайрона шудам.

Доду фарёд задам, гарчи надонӣ ҳолам,
Ошно гуфтаму рафтам, зи ту бегона шудам.

Лол гардид забонам, натавонам гуфтан,
З-он ки паймоншиканӣ, аз паи паймона шудам.

Шамъ гуфтӣ ту ба эълом худатро, лекин
Мани девона туро дидаму парвона шудам.

Аз куҷо омадӣ, эй ёр, шудам масти ҷунун,
Масту Шайдои ту ман гаштаму афсона шудам.

* * *

Ё Раб, чӣ чора созам, ёрам зи ман рамида,
Бе ҳарфи аҳли қосид зулфаш зи ман кашида.

Умрест бо таманно гуфтам ҳадиси зулфаш,
Аз ғам ба рӯи дафтар хуни дилам чакида.

Рӯзу шабам ба сар рафт дар роҳи интизорӣ,
Кай ту мадад намоӣ, эй нури ҳар ду дида?

Шавқи лабат ҳамеша андар хаёли ман буд,
Акнун чӣ чора созам бо ин қади хамида?

Шабҳо ба ёди васлат ҷонам зи тан барояд,
Дар рӯи сабзаи ясъ, биллаҳ, дилам кафида.

Шайдо, хаёлам ин аст дар чорбоғи ҳастӣ,
То коми дилситонам, ёрам ба бар кашида.

* * *

Бе ту баҳор кай шавад,
Лайлу наҳор кай шавад?

Гар набувад шароби ишқ,
Мастӣ шиор кай шавад?

Соқии шодкоми ман,
Масту хумор кай шавад?

Боди сабо намевазад,
Савти ҳазор кай шавад?

Бе лаби ҷонфизои ту,
Бӯсу канор кай шавад?

То нарасам ба васли ту,
Сабру қарор кай шавад?

Бе ғазалу суруди ман,
Ною дутор кай шавад?

* * *

Ҷонам ба лаб расида, сероб кун лабонам,
В-аз лутфи ту, нигоро, то коми дил ситонам.

Бигзор бо хаёлат ҷонам зи тан барояд,
В-аз дарду ҳаҷр ҳоло ранҷуру нотавонам.

Тоби сухан надорам, хушкид шоху баргам,
Аз тарси кинаварзон дар хештан ниҳонам.

Дар кунҷи номуродӣ аз бахти номусоид,
Дарди дили ҳазинро гуфтан наметавонам.

Пайваста мезанӣ теғ, эй гул, ба синаи ман,
Розам ба кас нагӯям, гар сӯзад устухонам.

Ҳар шаб ба оби дида дар кунҷи номуродӣ,
То субҳи рӯзи дигар номи ту дар забонам.

Эй шӯх, рӯзи маҳшар Шайдои бандаи ту,
Ҷуз рӯи дилкаши ёр чизе дигар надонам.

* * *

Дар ҷаҳони ормони мо ту зебо дилбарӣ,
Беҳтар аз ҷонӣ ту, ҷоно, ҷони моро мебарӣ.

Дар фазои ишқи худ болу парамро сӯхтӣ,
Ту мусулмон нестӣ, биллаҳ зи кеши кофарӣ.

Ошиқӣ дар мазҳаби девонагон фарзи Худост,
Ман шудам ошиқ ба ту, қалби маро ту доварӣ.

Қадри ошиқро надонӣ, бехабар аз сӯзи ӯ,
Солҳо аз сидқи дил кардам бароят чокарӣ.

Боварам омад, туӣ волотарини дилбарон,
Кош боре менамудӣ ту ба ҳарфам боваре.

Шоҳид аз мулки вуҷудам ранги зарди ҳамчу коҳ,
Дарду сӯзи ишқ бар ман кай намояд ёварӣ.

Васфи ҳусни ту ҳамон рӯзе, ки Шайдо гӯш кард,
Ҳеҷ н-омад ёдаш аз Хуршеду Моҳу Муштарӣ.

* * *

Зиҳӣ абрӯ, зиҳӣ гесӯ, зиҳӣ чашмони шӯрангез,
Зиҳӣ ҳоло, зиҳӣ фардо, зиҳӣ майдони шӯрангез.

Зиҳӣ дунёи пурсавдо, зиҳӣ савдои пурғавғо,
Зиҳӣ Шамсу Қамар тобад, зиҳӣ кайҳони шӯрангез.

Зиҳӣ мар ошиқони пок, зиҳӣ он синаҳои чок,
Зиҳӣ Лайлӣ, зиҳӣ Маҷнун, зиҳӣ ҳиҷрони шӯрангез.

Набинам офати ҷонат, набинам чашми гирёнат,
Зиҳӣ ошиқ, зиҳӣ маъшуқ, зиҳӣ зулфони шӯрангез.

Зиҳӣ ашъори рангинам, зиҳӣ гуфтори ширинам,
Зиҳӣ Шайдо, зиҳӣ дарё, зиҳӣ тӯфони шӯрангез!

* * *

Эй шӯх,чашми мастат девона кард моро,
Андар хазинаи дил сад дард ин гадоро.

Эй кош, мерасидӣ Шайдо ба орзуят,
Бигзашт умри ширин, дарёб бенаворо.

Ҳар гоҳ сурати ту ояд ба хоби банда,
Гӯё занӣ дар оташ пурдарди бенаворо.

Гаштаст хок гулгун, эй гул, зи оби чашмам,
Мадди назар наёрӣ мардони ҷонфидоро.

Ганҷи ҷаҳон наарзад, биллаҳ, ба тори зулфат,
Шав дур аз рақибон ислоҳ кун хаторо.

Нашнид қалби якрав дарси Ҳадису Қуръон,
Побанди кори худ монд ин беадаб худоро.

Шайдо ба оҳу нола дар кунҷи номуродӣ
Нӯшад зи заҳри ҳиҷрон, бо ӯ намо мадоро.

* * *

Эй боди сабо, имрӯз, бӯи хуши ёрам ку?
Он зулфи диловезу он зеби канорам ку?

Пайғоми варо н-орад, ғам дар дили ман корад,
Эй қосиди ҷони ман, пайғоми баҳорам ку?

Эй ғунчаи хобида, бедор шав аз дардам,
Дар кишвари тори ман он моҳузорам ку?

Чун лола зи доғи дил озурда шудам, эй вой,
Чун шуълаи хомӯшам, он пора шарорам ку?

Ҷону дили ман будӣ, беҳуда чӣ озурдӣ,
Дар ҷӯяи иқболам он сарви қаторам ку?

Эй шайх, макун айбам, гаҳ дар худу гаҳ ғайбам,
Бо ин ҳама сӯзу таб, он қалби фигорам ку?

Дар роҳи ту афтодам, восӯхт чу бунёдам,
Шайдои ҳақирам ман, дилсӯз нигорам ку?

* * *

Аз ҳаҷри ту беқарорам, эй дӯст,
Махмураму дар хуморам, эй дӯст.

Гар фасли хушат баҳор бошад,
Рӯи хуши ту баҳорам, эй дӯст.

Гар ҷони маро талаб намоӣ,
Бе чуну чаро супорам, эй дӯст.

Бар синаи хеш нақши нохун,
Аз ишқи ту менигорам, эй дӯст.

Шодию тараб чӣ метавон кард,
Бо ёди ту дилфигорам, эй дӯст.

Зикри дили ман ҳамеша номат,
Номи хуши ту шиорам, эй дӯст.

Бе дӯст бувад ҳамеша мушкил,
Бахт ин, чу ту дӯст дорам, эй дӯст.

Шайдо ба умеди рӯзи охир
Бо амри ту по гузорам, эй дӯст.

* * *

Дилбари дилҷӯи ман тарки вафо мекунад,
Бурда маро ҷону дил, обу адо мекунад.

Партави ҳуснаш рабуд тобу тавони маро,
Ҷавру ҷафо ӯ дигар аз чӣ ба мо мекунад?

Тоқату сабрам рабуд бо нигаҳе дилфиреб,
Оби ду чашмам маро рӯйнамо мекунад.

Хаймаи ҳастӣ задам дар хами абрӯи ӯ,
Бо мани девона ӯ боз чиҳо мекунад?

Металабам аз Худо оғуши гарми варо,
Сӯи само дасти худ баҳри дуо мекунад.

Рағми дили хуншуда, оҷизу маҷнуншуда,
Дарди рақиби маро зуд шифо мекунад.

Бандаи Шайдои хеш баъди вафоташ магар,
Дилбари нозофарин ком раво мекунад?

* * *

Туро аз байни гулрӯён ҷудо кардам, хато кардам,
Чу солик аз паят гаштам, садо кардам, хато кардам.

Зи ҳаҷрат тира шуд рӯзам, ба гардун мерасад сӯзам,
Бароят ҷисму ҷонамро фидо кардам, хато кардам.

Диламро хун намуда аз алам шеъру ғазал гуфтам,
Худамро дар раҳат охир адо кардам, хато кардам.

Туро шамъи раҳам гуфтам, кулоҳу маснадам гуфтам,
Чӣ хоҳишҳои ноҷоро раво кардам, хато кардам.

Тамоми умри худ ҷустам туро, эй қиблаи уммед,
Дар ин роҳи фано бар худ ҷафо кардам, хато кардам.

Чиҳо кардам, хато кардам, ба ту меҳру вафо кардам,
Ҷафо кардӣ, вафо кардам, вафо кардам, хато кардам.

Миёни ин парешонӣ ҳамеша бо ҳаросонӣ
Магар дарди дили Шайдо даво кардам, хато кардам.

* * *

Меҳмони шумоем, ба мо ҷому май оред,
Асбоби маишат зи дари Руму Рай оред.

Нӯшед маю бо мани девона бирақсед,
Шодӣ ба дил аз ҳастии худ пай ба пай оред.

Ширин бишавад коми мани ошиқи маҳзун,
Бар маҳфили мо савти хуши чангу най оред.

Бо абри ғамаш қалби маро тирагӣ афтод,
Бӯи хуши гесӯи парешони вай оред.

Бо ҷон-ш харидор шавам савту паёмаш,
Эй бехабарон, номаи дилдор кай оред?

Шайдосифатам дар сари кӯят ҳамаи умр,
Бар бехуди афтодаи худ боз май оред.

* * *

Муждае аз Мӯлиён ояд ҳаме,
Мурғи Ваҳдат парфишон ояд ҳаме.

Ёри рафта аз Ватан аз ҷабри дӯст
Бо ҳариру парниён ояд ҳаме.

Ҳамдилӣ, ҳамбастагӣ ҳамчун шиор,
Бар Хуҷанду Хутталон ояд ҳаме.

Рӯҳи Исмоил ба монанди малак,
Ёвару олинишон ояд ҳаме.

Бар Бухорои куҳан бори дигар,
Давлати Сомониён ояд ҳаме.

Хуни тоҷик то нарезад бар ҳадар,
Дӯстӣ аз осмон ояд ҳаме.

Абри кина боз гардад нопадид,
Санҷиши суду зиён ояд ҳаме.

Зиллату иллат равад аз мулки мо,
Пайки шодии замон ояд ҳаме.

Шеъри Шайдо чун ба вазни Рӯдакист,
«Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме»

* * *

Рамидӣ аз мани ошиқ, чӣ гӯям,
Фиғони ошиқиву обрӯям.

Ба сони абри фарвардин бигирям,
Зи ғусса гиря мегирад гулӯям.

Сухан печида гардад дар забонам,
Дучор ой ба ногаҳ рӯ ба рӯям.

Биё, оинаи дил занг бигрифт,
Ба собуни вафоят кай бишӯям.

Маро кушти ба теғи ғам ҷафокор,
Биё, чун гул дигар боре бирӯям.

Зиҳӣ васфи рухат ашъори Шайдо,
Ба ҷуз ишқат дигар ҳарфе нагӯям.

* * *

Ман ҳарир аз барги гул бар қомати ту бофтам,
Тору пуди ҷомаат аз шохи сунбул тофтам.

Солҳо ҷустам сухан аз баҳри тасвири қадат,
Дар фазои ишқи ту кони суханро ёфтам.

Бар ҷароҳатзори қалбам мениҳӣ доғи дигар,
Ё магар дар ишқбозӣ қалби худ бишкофтам?

Он қадар доғи таманнои висолат гаштаам,
Аз сарири зиндагӣ бар ҷовидон биштофтам.

Майли лабҳои ту дорад ошиқи Шайдои мо,
Аз саводи лаъли ту ман коми дилро кофтам.

* * *

Биё, соқӣ, ки ман соғар гирифтам,
Магар фикри хато аз сар гирифтам.

Худоё, ман туро дидам, шукуфтам,
Ба дастон накҳати анбар гирифтам.

Бинои тавбаро сад пора кардам,
Чӣ хуш имшаб туро дар бар гирифтам.

Хумори дил ситонам аз лабонат,
Миёни нозукат чанбар гирифтам.

Чӣ меҳоҳӣ, бигӯ, баҳри ту орам,
Зи роҳи Каҳкашон ахтар гирифтам.

Нигоро, куштани Шайдо бифармо,
Ки худ бар дасти худ ханҷар гирифтам.

* * *

Ҷонона шабе канори ман буд,
Фасли гулу навбаҳори ман буд.

Бо бӯсу канори лутфи тоза,
Сабри дили беқарори ман буд.

Зулфу руху лаъли чун ақиқаш
То субҳ ба ихтиёри ман буд.

Дар олами ҳусн буд ягона,
Он сарв, ки дар канори ман буд.

Мерафт даме, ки аз бари ман,
То авҷи фалак ғубори ман буд.

Эй дӯст, мапурс ҳоли Шайдо,
Он рафта зи бар нигори ман буд.

* * *

Дарёб маро, ҷавониям рафт,
Фасли хуши зиндагониям рафт.

Омад ба сарам хазони пирӣ,
З-он лаҳза, ки ёри ҷониям рафт.

Бар қалби куҳан расид доғе,
Ғам омаду шодмониям рафт.

Ночида гуле зи боғи васлаш,
Рӯзи хуши боғбониям рафт.

Фарёд аз ин ҷаҳони фонӣ,
Бо ишқи ту комрониям рафт.

Ҷуз ғусса ба дил намонда чизе,
Базму тараби ниҳониям рафт.

Дигар ту махон ҳадиси Шайдо,
Лаҳни хуши шеърхониям рафт.

* * *

Ман ҳарифи теғи мижгони туам,
Куштаи зулфи парешони туам.

Дар таманнои лабат ман ташналаб,
Ташнаи оби Зарафшони туам.

Ту шифобахши ҳама дарди манӣ,
Толиби доруву дармони туам.

Ғамзаи ту қасди ҷонам мекунад,
Ҷон фидоят кардаам, ҷони туам.

Мебарӣ, ё мекашӣ, ё мекушӣ,
Ҳар чӣ мехоҳӣ, бикун, з-они туам.

Месароям ишқи ту бо ҷону дил,
Булбули зору ғазалхони туам.

Сайқали ишқи ту Шайдоям намуд,
Шонаи зулфи парешони туам.

* * *

Гир андар гӯши худ панди падар,
То ки гардӣ байни мардум мӯътабар.

Некхӯ мебошу меомӯз илм,
Дар дили мардон ҳамеша кун сафар.

То ки бошӣ андар ин олам муқим,
Бош дар олам чу нахли пурсамар.

Хоксорӣ пеша созу шод бош,
Аз такаббур сад бало ояд ба сар.

Фӯки худ ҳаргиз макун бар осмон,
Гар қадам монӣ, ба пеши по нигар.

Аз саховат қалбҳоро шод дор,
Соз парҳез аз тамоми шӯру шар.

Ёд кун аз хуфтагони зери хок,
Умри одам ҳаст боди даргузар.

Вақти тангӣ, вақти сахтиҳои худ,
Рӯи худ овар ба сӯйи додгар.

Номи ӯ бо хулқи хубат зинда дор,
Гар кунад Шайдо аз ин олам гузар.

* * *

Ҳайфи фарзанде, ки гирад аз гиребони падар,
Оварад бар дард дар ҳар лаҳзае ҷони падар.

Ҳайфи фарзанде, ки пандашро намегирад ба гӯш,
Рӯ битобад ҳар замон аз амру фармони падар.

Ҳайфи фарзанде, ки мероси падар ҷӯё бувад,
Ҳолати танги накӯшад баҳри дармони падар.

Ҳайфи фарзанде, ки лаънат оварад бар ҷадди хеш,
Дар дами пирӣ намегардад нигаҳбони падар.

Ҳайфи фарзанде, ки андар шаҳру кӯи зиндагӣ,
Мешавад сарчашмаи ду чашми гирёни падар.

Ҳайфи фарзанде, ки дилкӯр асту гавҳарношинос,
Заҳр бодо бар тани ӯ луқмаи нони падар.

Ҳайфи фарзанде, ки аз илми падар бебаҳра монд,
Қадр нанмояд миёни халқ ирфони падар.

Ҳар писар, ки шод бошад халқ аз афъоли ӯ,
Нӯши ҷонаш бод, Шайдо, гавҳари кони падар.

* * *

Сарат гар бар фалак сой, дар аввал қадри худ бишнос,
Ҷаҳон бо зӯр бирбой, дар аввал қадри худ бишнос.

Агар болонишин ҳастӣ, маҳе андар замин ҳастӣ,
Накӯгӯю накӯкорӣ, дар аввал қадри худ бишнос.

Агар олинасиб бошӣ, ба хушҳолӣ сабаб бошӣ,
Ба чашми мардумон ҷой, дар аввал қадри худ бишнос.

Ба гардунҳо шавӣ ахтар ва ё гардӣ шаҳи кишвар,
Ба сурат гар дилорой, дар аввал қадри худ бишнос.

Ҷаҳонат офарин хонанд, туро гар пешво донанд,
Гули садбарги раънойӣ, дар аввал қадри худ бишнос.

Ба Шайдо меҳрубонӣ кун, даме ширинзабонӣ кун,
Маҳи афлок бирбой, дар аввал қадри худ бишнос.

* * *

Ҳамегӯӣ, ки кистам, аз куҷоям,
Заминиям, зи хокам, хоки поям.

Равонам ҷониби сарманзили ёр,
Ки васлаш ҷаннати аъло бароям.

Ҳамеша сархушам аз бодаи ишқ,
Бувад кофӣ аз он ҷоме бароям.

Маро ҳоҷат набошад Каъба ҳаргиз,
Чу сар бар остони ту бисоям.

Тамаъкорӣ набошад хислати ман,
Агарчанде, ки муҳтоҷи шифоям.

Сиришкам мисли Ҷайҳун ҷӯш дорад,
Ба соҳил мондаам, о, нохудоям.

Ба ҷуз васли ту чизе менахоҳам,
Мани Шайдо дар ин роҳ чун гадоям.

* * *

Лаъли хушоби Бадахшон, модарам,
Ганҷ дар кони Зарафшон, модарам.

Дасти ман бигрифтаӣ дар кӯдакӣ,
Соҳиби дунёи армон, модарам.

Аз ду пистони муборак ҷӯйи шир
Кардаӣ баҳрам ту эҳсон, модарам.

Барниҳодӣ бар забон алфози нек
Бо каломи шаккарафшон, модарам.

Одамиятро зи ту омӯхтам,
Эй чароғи илму ирфон, модарам.

Бо ҳидоёти туам соҳибтамиз,
Бар тани афсурдаам ҷон, модарам.

То абад дар ҳасратат Шайдои ту
Буду бошад дидагирён, модарам.

* * *

Будаӣ маҳбуби дилҳо, эй падар,
Қаҳрамону маҳфилоро, эй падар.

Хуфтаӣ имрӯз дар дашти Адад,
Лек ҳастӣ бо ману мо, эй падар.

Шабчароғи синаи тори манӣ,
Ҳодии бар сӯйи фардо, эй писар.

Нек донистам, ки будӣ баҳри ман
Чашмасору рӯду дарё, эй падар.

Буд андарзат бароям чун шакар,
Дилкашу хубу гуворо,эй падар.

То нафас боқист, бо ман зиндаӣ,
Бошӣ чун нури ҳувайдо, эй падар.

Ёдгори умри ту Шайдои ту,
Дарди ӯ созӣ мудово, эй падар.

* * *

Аз ошиқони содиқ дарси вафо биёмӯз,
Аз даври майпарастон кайфу сафо биёмӯз.

Мастӣ зи май набошад, ман масти ишқ ҳастам,
Аз чашми масти дилбар ҷабру ҷафо биёмӯз.

Ман куштаи нигорам, бигзар ту аз мазорам,
Бин хоки раҳгузорам, хорӣ зи мо биёмӯз.

Киштии мо ба гирдоб афтод, эй дареғо,
Гаштан раҳо зи гирдоб, эй нохудо, биёмӯз.

Ту бандаи Худо бош, дар роҳи Мустафо бош,
Бар кофарони бедин дарси Худо биёмӯз.

Шайдо, чӣ панд гӯӣ бар тифли норасида?
Аз сатрҳои Саъдӣ панду дуо биёмӯз.

* * *

Аҷаб ҳусни расо дорӣ, гули ман,
Басо нозу адо дорӣ, гули ман.

Диламро мебарӣ манзил ба манзил,
Кашокаш то куҷо дорӣ, гули ман.

Нигоҳат сӯзи ҷони нотавон аст,
Чу товус ҷилваҳо дорӣ, гули ман.

Чӣ хуш ҳусни ту доим мефизояд,
Басо нашъу намо дорӣ гули ман.

Аҷаб мӯю аҷаб зулфу аҷаб рӯй,
Ду чашми пурҷило дорӣ, гули ман.

Туи сарчашмаи илҳоми розам,
Аҷаб дар худ наво дорӣ, гули ман.

Ба васлат гар расам, дигар намирам,
Ба дарди ман даво дорӣ, гули ман.

Шавад Шайдо фидо сар то ба поят,
Агар ту майли мо дорӣ, гули ман.

* * *

Биё, бо лаъли ширинат маро ҷон деҳ, маро ҷон деҳ,
Биё, бо ҷумла тамкинат ту имон деҳ, ту имон деҳ.

Ҳамехоҳам, ки марҷоне шавад тасбеҳи дасти ман,
Кунам зикри туро ҳар дам, ту марҷон деҳ, ту марҷон деҳ.

Ба ёдат ман шудам бемор, туӣ донандаи асрор,
Ба ман, эй роҳими саттор, ту дармон деҳ, ту дармон деҳ.

Манам олудаи исён, ба раҳмат бахш ҷурмамро,
Бароям ҷои осоиш зи ризвон деҳ, зи ризвон деҳ.

Ба мо, эй Хушдило, боре бихон ширин ғазалҳоят,
Ҳамон ширин ғазалҳоро ба ёрон деҳ, ба ёрон деҳ.

Бишуд умри ҷавони ман, расида навбати пирӣ,
Нигоро, бо мурувват бар ман аз он оби ҳайвон деҳ.

Макун дар оташи сӯзон ту Шайдои ғазалхонро,
Кунад ӯ шарҳи номатро, ту фармон деҳ, ту фармон деҳ.

* * *

Ошиқ шудам, нигоро, аммо ту бевафоӣ,
Аз роҳи бевафоӣ ҳаргиз намебароӣ.

Ҷону танам фидоят, ҷўям раҳи вафоят,
Раҳгум задан нашояд, эй бавафо, куҷоӣ?

Дар сояи нигоҳат, ҷон мебарад ҳаловат,
Ту мекунӣ қиёмат, маъшуқаи балоӣ.

Бар дарди хастагонат ту сархати шифоӣ,
Аммо чӣ суд, боре бар пурсишам наоӣ.

Ман куштаи нигоҳам, ханҷар чӣ кор ояд,
Аз нав валек, ёро, бар ҷисм ҷон физоӣ.

Абри карам чу хезад, борони меҳр резад,
Бар сўи қабри Шайдо рўят чу гул кушоӣ.

* * *

Дӯст медорам, ту мегӯӣ маро,
Як даме н-оям ту мечӯи маро.

Мезанӣ ногаҳ ту худро дар барам,
Аз сарам то пой мебӯӣ маро.

Зиндагӣ рангинкамони ноз нест,
Оби ҳайвону шакар гӯи маро.

Ё гаҳе нозам дар оғӯшат, нигор,
З-ашки шодӣ дасту рӯ шӯӣ маро.

Аз лабони бӯсабахшу бӯсаҷӯ
Мекунӣ худ лолагун рӯи маро.

Ман ҳамеша бо хаёлат зиндаам,
Каъба кардӣ гӯиё кӯи маро.

Духтари Фонӣ, зи Шайдоят маранҷ,
Ту намедонӣ магар хӯи маро?

* * *

Бархезу биёр бодаи ноб,
То нӯш кунему ту равӣ хоб.

Мутриб, бинавоз савти Зоҳир,
Зулфайни качи туро диҳам тоб.

Аз силаи ман шавӣ ту бедор,
Ман қисса кунам туро зи ҳар боб.

То чанд хурам зи ишқи ту ғам,
Ман ташналабам, зи лаб бидеҳ об.

Розат ба касе дигар нагӯям,
Побанди туам, зи ман ту маштоб.

Ман ошиқи ишқи ошиқонам,
Хуршед туӣ, камина маҳтоб.

Ё раб, чӣ хуш аст суҳбати ёр,
Шайдо, ту канори дӯст дарёб.

* * *

Дилам аз банди зулфонат раҳо нест,
Ба ҷуз васли ту дардамро даво нест.

Мани дилдода мурдам аз ғами ту,
Вале гӯӣ ба маргат кори мо нест.

Зи шаб то рӯз дар бистар хурам ғам,
Ки ғамҳои ту дилро бебало нест.

Махур, эй дил, ғам аз бахти бади хеш,
Агар бӯи хуши ёр аз сабо нест.

Ҷафо то кай ба ҷисми хастаи манн?
Агарчи ҷавр бе амри Худо нест.

Талабгор омада Шайдо висолат?
Ба кори ошиқӣ номам хато нест.

* * *

Ба он ҳусни чаманзебат дилорому дилороӣ,
Кунам ҷонро нисорат, гар ту боре аз дарам оӣ.

Зи ҳиҷрони ту месӯзам, намепурсӣ ту аз ҳолам,
Раҳоям кун ба алтофи хуше аз дарди раҳпоӣ.

Сиришки дидаам бар сӯйи доман меравад ҳар дам,
Бигӯ, занги дили озурдаамро кай ту биздоӣ?

Ба дидорат қасам, ҷуз ту надорам мӯнису дилбар,
Ба сӯи кулбаам бихром боре ту ба танҳоӣ.

Маро дигар маяфкан дар миёни чоҳи навмедӣ,
Ту бояд хонаи дилро ба ҳастият биёроӣ.

Миёни нозанинон нозанинтар аз ту ёре нест,
Намедорам зи кас пинҳон, ки андар синаам ҷоӣ.

Ба Шайдои ҳазин боре ба чашми марҳамат бингар,
Ки гӯяд бо садоқат: «Пеш о, ки дилбари моӣ».

* * *

Туву гулхандаҳову нози ёрӣ,
Ману дарду фиғону оҳу зорӣ.

Туву нозу итобу ишвачӯӣ,
Ману дар раҳгузорат интизорӣ.

Туву ағёру ҷому бодаи ноб,
Ману дар ҳасрати ту ҷонсупорӣ.

Туву парвои ҳоли ман накардан,
Ману ду чашми чун абри баҳорӣ.

Туву сӯзондани ҷони фақире,
Ману бечорагию беқарорӣ.

Туву теғе ба қасди куштани ман,
Ману адӯҳу ранҷи дилфигорӣ.

Туву таблу навои дилхароше,
Ману расму русуми дӯстдорӣ.

Туву рафтан ба хилват бо рақибон,
Ману Шайдову дарду шармсорӣ.

* * *

Аё, эй масти ишрат, қадри ёронро чӣ медонӣ?
Гулу себаргаи фасли баҳоронро чӣ медонӣ?

Бувад хонат пур аз нуқлу навою шарбати рангин,
Ту ҳоли зор бар як пораи нонро чӣ медонӣ?

Таманноят бувад занҳову қасру хонаву айвон,
Азобу ҷонкании марди деҳқонро чӣ медонӣ?

Ба гӯшат мерасад чун қул-қули май фораму дилкаш,
Ту созу нағмаҳои андалебонро чӣ медонӣ?

Пиёда тай накардӣ ҳеҷ гаҳ ними мароҳилро,
Ту душвории роҳи ин биёбонро чӣ медонӣ?

Зару симат расад бар ворисонат то дами мурдан,
Баҳои одамию нури имонро чӣ медонӣ?

Ба Шайдо бингарӣ аз пушти айнак, эй тиҳиандеш,
Ту лаззатбахшии ҳарфи азизонро чӣ медонӣ?

* * *

Кай бувад, боре ба серӣ ман тамошоят кунам,
Ҷони худ қурбони лаълу қадди раъноят кунам.

Гирам оғушу ситонам бӯсаҳои бешумор,
Нӯши ҷон аз шарбати лаъли шакархоят кунам.

Хандаҳоят шавқро аз сина афзун мекунад,
Ҷону дил бахшам ба ту, дар дидаам ҷоят кунам.

Субҳ равшан мешавад аз нури рӯйи дилкашат,
Хеш дар банди сари зулфи сумансоят кунам.

Дидани ҷаннат набахшад лаззатеям он қадар,
Чун нигаҳ аз ду бари он тарҳи зебоят кунам.

Муштарии ҳусни чун оинаат гардидаам,
Зар чӣ бошад? Ман ба нақди умр савдоят кунам.

Гар биёӣ баҳри дилпурсии бемори ғамат,
Маст аз шеъри тару рангини Шайдоят кунам.

* * *

Боз о, ки ман аз диёр рафтам,
Аз маъракаҳо канор рафтам.

Дар ёди ту гашт ранги ман зард,
Аз домани навбаҳор рафтам.

Тобути дилам ба дӯш бурдам,
Аз ҳастии дамшумор рафтам.

Бо ноз ту қалби ман шикастӣ,
Аз пеши ту ҷоннисор рафтам.

Вайронаи дил нагашт обод,
Чуғзе ба харобазор рафтам.

Чун косаи сабр гашт лабрез,
Аз олами интизор рафтам.

Дар ҳасрати себи ғабғаби ту,
Шайдо, ба дили мазор рафтам.

* * *

Биё, аз кӯчаи мардон назар кун,
Ба мулки синаҳо боре сафар кун.

Зи бадгуию тӯҳмат соз парҳез,
Зи маҳфилҳои ноаҳлон ҳазар кун.

Агар ҳарфе бигӯӣ пеши мардум,
Каломи хештанро мухтасар кун.

Марав боло, нагардӣ чаппагардон,
Ту хулқи некро бар худ сипар кун.

Ҷаҳони бебақо хунат бирезад,
Назар бар гӯри танҳои падар кун.

Бикаш по аз сари хони лаимон,
Қаноъатро бароят болу пар кун.

Чу менӯшӣ шароби арғавонӣ,
Даме андешае аз дарди сар кун.

Биё, аз панди Шайдо баҳравар шав,
Ба мулки ёди мо боре гузар кун.

* * *

Ҳар саҳар аз хоб хезу банди истиғфор бош,
Рӯзу шаб дилбастаи моҳи парирухсор бош.

Сарсарӣ то чанд гардӣ дар биёбони ҳавас?
Баҳри саркӯбии нафси хештан дар кор бош.

Бе машаққат донаи армон намеояд ба даст,
Гар висоли ёр хоҳӣ, то саҳар бедор бош.

Бухлу кину душманиро аз сари худ дур дор,
То ба рӯзи рафтан аз олам накӯкирдор бош.

Дорӣ армоне, ки номи ту бимонад пойдор,
Таслиятбахши дили ғамдидаи бемор бош.

Давлати олам ҳамемонӣ барои ворисон,
Солҳо дар ҷустуҷӯи давлати бедор бош.

Хешро дар банди зулфи саркаши Шайдо макун,
Гӯшае гиру ҳамеша аз пайи ашъор бош.

* * *

То ба кай дар сина дард аз ҳусни ҷонон мекашам?
То ба кай шӯхии зулфони парешон мекашам?

То ба кай дар ҳаҷри рӯйи ту нахобам то саҳар?
То ба кай бо ёди ту ранҷи фаровон мекашам?

То ба кай мегиряму пинҳон кунам асрори худ?
То ба кай дар кулбаи ғам оҳу афғон мекашам.

То ба кай месӯзаму дудам бароянд бар фалак?
То ба кай нози туро дар риштаи ҷон мекашам?

То ба кай бо дигарон бошӣ ба рӯи тахти ноз?
То ба кай аз сӯзи дил сар дар герибон мекашам?

То ба кай аз васли ёри хеш бошам бенасиб?
То ба кай дар зиндагӣ бори пушаймон мекашам?

То ба кай Шайдосифат аз хеш берун мешавам?
То ба кай ман дарду доғи рӯзгорон мекашам?

* * *

Чун пой мегузорам дар кӯчаҳои Ғезан,
Нерӯ диҳад бароям обу ҳавои Ғезан.

Аз савти булбулонаш ҳар гул ба ханда ояд,
Бисёр дилнавоз аст савту навои Ғезан.

Ширин кунӣ даҳонро аз меваҳои ҷонбахш,
Бингар ба боғҳои пур аз сафои Ғезан.

Аз нози дилбаронаш дилҳо ба сина рақсон,
Форам ба гӯши ҷонҳост ҳарфу ҳиҷои Ғезан.

Ҳар санги кӯҳсораш дорад ба синааш зар,
Лаълу гуҳар наҷӯям, бошам гадои Гезан.

Ҳар субҳ офтобаш дилро кунад мунаввар,
Бахшад ба кас ҳаловат ҳар шаб самои Ғезан.

Зӯру тавони Шайдост ҳар қуллаи баландаш,
Дунёи дил бирезам рӯзе ба пои Ғезан.

* * *

Сурма аз бахти накӯ шуд сояи чашмони ту,
Зар нигин гардиду ҷо бигрифт дар дастони ту.

Кош будам дастагул медоштӣ пеши назар,
Ё ки гарди роҳ будам дар бару домони ту.

Зиндагӣ бо ту хуш асту бе ту ӯро нест ранг,
Ёри ҷон дар кӯи ғам, бин, ошиқи сарсони ту.

Лаъли хушранги Бадахшон гар набошад, бок нест,
Гар насиби мост охир лаъли себистони ту.

Ман заминиям, наҷӯям ҳеҷ маъво аз фалак,
Лек бошам бо хаёли ахтари рахшони ту.

Ёри ҷон, бар гуфтаи Шайдои дилсӯзат нигар,
Ҳарфи ман бошад саропо оташи сӯзони ту.

* * *

Ҳамчу лола доғ дорам бар дил аз ҳиҷрони ту,
Мерасад захми ҷафо аз новаки мижгони ту.

Рӯи ту шуд каъбаи ман, ишқи ту меҳроби дил,
То ба кай афсурдаам аз домҳову дони ту?

Мурдам аз дарди фироқат дар сари бозори ишқ,
Эй Масеҳодам, надидам як раҳе дармони ту.

Ман таманно мекунам бо лутф бинӣ сӯи ман,
Нангарад, эй кош, сӯи дигаре чашмони ту.

Гар бигирам роҳи саҳро дар ғамат, айбам макун,
Мешавам Маҷнун аз ин рафтори бесомони ту.

Қиссаи дил менависад баҳри ту Шайдои мо,
Кош бинад як нафас лаъли лаби хандони ту.

* * *

* * *

Ҳар гаҳе дастат чу гул бар гарданам чанбар шавад,
Дил даруни сина аз ишқи ту хокистар шавад.

Гар шавад моро муяссар хӯшачинии лабат,
Ин лаби хушкида аз он лаъли ширин тар шавад.

Ҷони ман, пироҳани сабрам дарид аз ишқи ту,
То ба кай теғи ғамат бар гарданам ханҷар шавад?

Ёди васлат мезанад оташ ба дунёи дилам,
Дар фазои чашми ман ҳар қатрае ахгар шавад.

Шеъри ман чун оби чашмам мечакад бар саҳфаҳо,
Достони ишқи ту дар ёди ман дафтар шавад.

По ниҳодам дар биёбони ҷунун бо ишқи ту,
Қайс аҳдам ман магар савдои ман дигар шавад?

Ай Худо, ҳангоми назъи ҷони саргардон расид,
Оҳ, мехоҳам, ки ёрам дар сари бистар шавад.

Менапурсӣ гарчи аз ҳоли дили Шайдои мо,
Бӯи зулфат бар машомаш сунбулу анбар шавад.

* * *

Накҳати зулфи ту аз саҳни чаман мебӯям,
В-аз гиребони гулу ҷайби суман мебӯям.

Ба таманно ту гаҳе аз бари ошиқ гузарӣ,
Мӯи печони ту чун мушки Хутан мебӯям.

Лаби ту шаҳду шакар, таънаву дашном мадеҳ,
Лаб ба лаб мондаву аз зулфу даҳан мебӯям.

Дар ғазал номи туро сунбулу райҳон гӯям,
Номи зебои ту аз рахти сухан мебӯям.

Қади мавзуни туро дидаву Шайдо гаштам,
Маст аз қадди сиҳӣ дури Адан мебӯям.

* * *

Боз аз ҷайби дилам ишқи ту фаввора занад,
Гӯиё теғи ту бар қалби дусадпора занад.

Ғунчаи лаъли туро хостаам бӯса занам,
Теғи мижгони ту бо меҳр дигарбора занад.

Рӯ ниҳодам ба биёбон, ки гурезам аз ту,
Боз савдои фироқат раҳи овора занад.

Маҳи рухсори туро ёд кунам, ё накунам,
Шуълаи нури ту сад таъна ба истора занад.

Чорае соз, ба ҷон омадаам аз ғами ту,
Теғи ҷонсӯзи ту бар музлиму бечора занад.

Дили Шайдо ту чӣ донӣ, ки сад чок задӣ,
Дили бемори варо ғамзаи маҳпора занад.

* * *

Куштаӣ бегунаҳ аҷаб, чаро, чаро, чаро, чаро,
Накардаӣ чунин ғазаб маро, маро, маро, маро.

Шарбати зиндагониям туӣ, туӣ, туӣ, туӣ,
Бар раҳи ишқ нимашаб баро, баро, баро, баро.

Қиссаи ошиқонаро саҳар, саҳар, саҳар, саҳар
Ба рақсу шодию тараб саро, саро, саро, саро.

Ғуломи камтарини ту манам, манам, манам, манам,
Бӯса бихоҳам аз лабат туро, туро, туро, туро.

Шайдо магар ту ошиқӣ бирав, бирав, бирав, бирав,
Қалби ман+ аст ҷои ту, даро, даро, даро, даро.

* * *

Заҳри ғамат чашидаам, чашидаам, чашидаам,
Аз ту вафо надидаам, надидаам, надидаам,

Бодаи ишқи ман туӣ, маст намудаи маро,
Бас аламат кашидаам, кашидаам, кашидаам.

Ҷону танам нисори ту, хумори ту, ҳабиби ман,
Шаҳди лабат макидаам, макидаам, макидаам.

Ҳеҷ намондаам қафо як дамаке зи рафту о,
Рӯзу шабат расидаам, расидаам, расидаам.

Гӯш бикун, нигори ҷон, ҳоли дилам, ки пеши он,
Зулфи хамат хамидаам, хамидаам, хамидаам.

Раҳрави хастаам, нигар, рӯзу шаб аз барои он,
Аз паси ту давидаам, давидаам, давидаам.

* * *

Парда афкан аз руху як ҷилваи зебо намо,
Аз ҷамолат мешавад равшан шаби ялдои мо.

Бо таманно бӯса кардан аз лабу рухсори ту,
Нӯшдоруе бувад бар дардҳои бедаво.

Аз шароби васли ту махмурам, эй нахли мурод,
Накҳати зулфи ту бошад рафъи хумморам басо.

Дасти худ бар гарданам андоз, то аз худ равам,
Дар канорат хоб созам то қиёмат, дилбаро!

Ман ҳамонам, то ба маҳшар нашканам паймони ишқ,
Соғари ишқат рабуда, маст гардам дар вафо.

Ишқи ту бо нақди ҷони худ харидам, роҳи ишқ,
Суҳбату дидори ту бошад маро баргу наво.

Дар шабистони ғамат дилдодаи Шайдо манам,
Бигзарад умри ҷавонӣ, ту машав аз ман ҷудо!

* * *

Ин дили пурдард охир майли дармон мекунад,
Мехурад хуноби ғам, сад оҳу афғон мекунад.

Қалби нофармони мо аз бори ғам девона шуд,
Ғамзаи ошиқфиребаш қасди имон мекунад.

Ин дили ошуфтаро, носеҳ, мадеҳ панди дигар,
Ҳар ҳадисат қалбро бар хок яксон мекунад.

Хунбаҳо мехоҳад аз ман зулфи печони чу мор,
Ин дили шайдои ман кай даъвии ҷон мекунад?!

Ман забони дил надонам, тарҷумони худ наям,
Безабониҳои дил моро парешон мекунад.

Дар талоши ҷустуҷӯи он лабони ангубин
Қалби пурдардам, нигар, чоки гиребон мекунад.

Дар сари кӯяш бимирам кош, эй Шайдои зор,
Марг медонанам, ки корат зуд осон мекунад.

* * *

Қисса дорам аз қади зебои ту,
Аз камони зулфи анбарсои ту.

Чашми ман аз диданат равшан шавад,
Сурмаи айн аст хоки пои ту.

Бедилонро наргиси мастат кушад,
Дар сарам бошад фақат савдои ту.

Юсуфи Канъонӣ пешат ҳеҷ аст?
Ман намедонам чӣ сон раънои ту?

Зор менолам зи дарди ишқи ёр,
Мерасад бар гӯши ман овои ту.

Номи ман аз дафтари ёдат бирафт,
Ман ҳамонам, ошиқи яктои ту.

Ноз бо Шайдо бикун як лаҳзае,
То бибинам ман қаду болои ту.

* * *

Шаби ҳиҷрон аҷаб дуру дароз аст,
Вуҷуди нотавон пурсӯзу соз аст.

Чунон дил метапад дар ҳасрати ёр,
Ки гӯё мурғи дил дар чанги боз аст.

Биё, эй ғунчаи гулзори уммед,
Ки ҳоло фурсати ифшои роз аст.

Тамошои баҳористони ҳуснаш
Барои ошиқони ӯ ниёз аст.

Баёну дарду ҳиҷрони дили мо
Пур аз ошуфтагӣ, сӯзу гудоз аст.

Сари ман хоки пои дилбарам бод,
Ҳамон хоке, ки чандон дилнавоз аст.

Рухи хубат бувад меҳроби Шайдо,
Аз ин хотир ҳамеша дар намоз аст.

* * *

Биё, оғозу анҷоми сухан шав,
Димоғамро ту худ мушки Хутан шав.

Биё, ором гирад аз ту ҷонам,
Ба баҳри зиндагӣ дурри Адан шав.

Нигар бар тифли чашмам гиря дорад,
Дареғогӯй дар оғӯши ман шав.

Бибӯсам аз лаби лаълу хати ту,
Баҳористони мо, боғу чаман шав.

Нигоҳат мекушад бечорагонро,
Чароғи тобноки анҷуман шав.

Ба ҳар ҷое равам, ёди ту дорам,
Бикуш морову худ покизатан шав.

Зи Вомиқ бурдаӣ гӯи муҳаббат,
Аё Шайдо ба Азро дар Яман шав!

* * *

Ман худшиносам, ту заршиносӣ,
Кай ёбад аз ту ҷонам халосӣ?

Кимхою атлас дар тан ту дорӣ,
Ман ҷандапӯшу дар тан мамосӣ.

Бо як нигоҳат динам рабудӣ,
Бо дилрабоӣ гашти ту осӣ.

Чун абри найсон ман гиря дорам,
Аммо ба дигар ту дар тамосӣ.

Эй ишқи ширин, ҷонам фидоят,
Сабру таҳаммул шуд дарди хосе.

Аз дидани ту парвона гаштам,
Дар гулшани дил чун барги ёсӣ.

Ба гӯшам ояд, Шайдо, садоят,
Оҳи дили ту лаҳни каросӣ.

* * *

Эй дило, азми тапидан мекунӣ,
Қасди коми худ расидан мекунӣ.

Бевафо ёрат намехоҳад туро,
Ту зи васли ӯ чашидан мекунӣ?

Дар хаёлотат ба хоби хештан,
Аз лаби қандаш макидан мекунӣ?

Дар тапиш савти дигар эҷод кун,
Ту чаро фикри кафидан мекунӣ?

Мерасад ёрат, дило, осуда бош,
То ба кай сӯяш давидан мекунӣ?

Юсуфи гумгаштаи кӯи туам,
Ту зи Шайдоят рамидан мекунӣ?

* * *

Он камонабрӯ маро бо теғи мижгон мекушад,
Дур аз ман бошаду бо доғи ҳиҷрон мекушад.

Бе лаби лаълаш бароям талх бошад зиндагӣ,
Аз лаби ширини худ бо бӯсаборон мекушад.

Дар гулистон гар хиромад вақти рафтан он нигор,
Бо хироми кабкосо дар гулистон мекушад.

Ашки чашмам сӯи ӯ монанди дарё шуд равон,
Ғарқи дарё мекунад, бо оҳу афғон мекушад.

Эй фалак, то кай ҳамесозӣ ҷафоҳо бар сарам,
Он нигори сангдил моро ҳаросон мекушад.

Ин дили озурдаи Шайдо ба уммеди висол
То ба васли ӯ расидан нози ҷонон макушад.

* * *

Мешавам маст аз насими ҷаъди гесӯи шумо,
Меравам мастона субҳу шом бар кӯи шумо.

Хоҳам аз он лаъли хушоби шумо оби ҳаёт,
Зиндаам дар чорсӯи умр бо бӯи шумо.

Ғамзаи чашмонатон бифрефт қалби зорро,
З-ин сабаб ман саҷда меорам ба абрӯи шумо.

Бӯи зулфайни муанбар хонаи ҷонам бисӯхт,
Бӯса мехоҳам задан, метарсам аз хӯи шумо.

Кош андар сабзазори ҳуснатон ҷавлон занам,
Зери дандонам бигирам холи ҳиндуи шумо.

Бандаи фармонатон гардида, эй шамсу қамар,
Ҳастам он Шайдои бехудгаштаи рӯи шумо.

* * *

Аз холи лаби хеш яке дона маро деҳ,
Дар сарви қадат ёр яке лона маро деҳ.

Эй он, ки бувад хоки раҳат сурмаи чашмам,
З-он хок даме сурмаи шоҳона маро деҳ.

Аз хеш бурун гаштаму кошона надорам,
Чун хонабадӯшам зи дилат хона маро деҳ.

Тарсам, санамо, дар раҳи ту кушта бигардам,
Боз ою яке панди лабибона маро деҳ.

Ман масти хату холу сияҳзулфи ту ҳастам,
Бо зулфи сияҳ давлати чун шона маро деҳ.

Ин умри гаронмояи Шайдо гузарон аст,
Дар бистари худ ҷой ту, ҷонона, маро деҳ.

* * *

Эй ҳар ду олам роми ту,
Ҳастии мо иқдоми ту.

Бо номи Раҳмону Раҳим,
Сар мешавад пайғоми ту.

Эй ҳусни рӯят доми дил,
Рӯи ҷаҳон шуд номи ту.

Ту соқии ҷони ҳама,
Ҷони ҳама дар ҷоми ту.

Дар мазҳаби дилдодагон,
Мо пӯхтагони хоми ту.

Дар охират хоҳам мадад,
Ман аз алифу ломи ту.

Шайдо нигар хуш гуфтаӣ,
Гуфтор аз илҳоми ту.

* * *

Ҳаргиз наравад рухат зи ёдам,
Ман хоки раҳат, мадеҳ ба бодам.

Аз ҷавру ҷафои ту намурдам,
В-аз кибри ту нест рӯзи шодам.

Аз шаҳди лабат наҷуста коме,
Маҳҷур зи васли ту фитодам.

Ҷуз зулфи ту худ ҳавас надорам,
Раҳ ҷониби зулфи ту кушодам.

Устоди сухан шудам зи меҳрат,
Ишқи ту бувад хату саводам.

Пироҳани худ кунам ба тан чок,
Имрӯз, ки фарди номуродам.

Шайдо, магарам зи рӯзи аввал
Ҷоми ғами ту зи каф надодам.

* * *

Боз маро ишқи ту боло гирифт,
Дарду ғамат пардаи дилҳо гирифт.

Оташи ишқат ба дилу ҷон расид,
Дуди дилам иқди Сурайё гирифт.

Ишқи ту буд соя ба ғамҳои дил,
Килки ман аз ишқи ту дунё гирифт.

Парда бигир аз рухи зебои худ,
Дидаи ман кор чу дарё гирифт.

Бо ҳама бераҳмию ҷавру ҷафо,
Шеъри ман аз ишқи ту маъво гирифт.

Дидани рӯи ту ба ҳар дин якест,
Ишқи ту дар қалби ҳама ҷо гирифт.

Худ бинигар, ошиқи Шайдои ту
Рафта зи худ, кунҷи калисо гирифт.

* * *

* * *

Нури абад ёфт зи ту ҷони ман,
Ишқи ту афзуд ба имони ман.

Куфри маро эй ту, ки имон кунӣ,
Номи ту дар дафтару девони ман.

Ҷон зи паи ишқи ту девона шуд,
Лоф занам ишқи ту армони ман.

Торами дил чанг гирифт аз ғамат,
Худ бинигар бар дили ларзони ман.

Саҷдагаҳи халқи ҷаҳон қаъбаат,
Баҳри дуо боз ду дастони ман.

Шамъ туву ман шуда парвонаат,
О ту даме дар шаби ҳиҷрони ман.

Рӯи туро дидаму Шайдо шудам,
Кош шавӣ шамъи шабистони ман.

* * *

Бидеҳ соқӣ, майи гулгун, ки то як дам биосоям,
Бад-ин ҳангомаю мастӣ канори ту шавад ҷоям.

Дилам чун ғунча пурхун шуд, зи сеҳри чашми шӯрангез,
Кунун овораи дашти фироқу кӯҳу паҳноям.

Биё, эй моҳи ман, имшаб зи асрори дил огаҳ шав,
Зи оби дидагон тар гашта хоки дашту саҳроям.

Лаби ҷонбахшро, ёро, макун дур аз лабони ман,
Шавам фориғ зи худ як лаҳза, лабро неҳ ба лабҳоям.

Зи ишқи беқиёси ту тамоми умр хун хӯрдам,
Ба боғи ошиқон баҳри таманноят чи сон оям?!

Ба ту дил додаам, аммо ҷудо гаштан басо мушкил,
Ба пеши пои ту беарзиш ин ҷамъи ҳавасҳоям.

Зи оби дидаи Шайдо шавад дашти Адад гулгун,
Чу гардад масканам он ҷо, дигар сӯят намеоям.

* * *

Пур кун шароби васлат, ҷоно, ба ҷоми Шайдо,
Дар ин ҷаҳони фонӣ девона номи Шайдо.

Ман ғуссае надорам сархуш зи ишқи ёрам,
Заҳре ки дод ёрам, шаҳде ба коми Шайдо.

Гулшан зи ҳусни рӯят ранги дигар гарифта,
Аз нури ҳусни рӯят субҳ аст шоми Шайдо.

Султони ошиқонам ишқат ҷаҳони ҷонам,
Ишқи туро сурудан як умр воми Шайдо.

Эй мутриби хушово бинвоз савти Шайдо,
Он оҳуи рамида гардид роми Шайдо.

* * *

Ман маст ба як бӯсаи лабҳои қашангат,
Моил ба даҳону шакару пистаи тангат.

Оси шуда аз ишқи ту дар назди Худованд,
Бадном зи зебоии он лолаи рангат.

Гуфтам, кӣ зи ту коми дили хеш ситонам,
Аммо набувад меҳр дар он қалби чу сангат.

Чун мурғи асирам, ки ба доми ту фитода,
Берун равам аз хешу фитам зуд ба чангат.

Эй кабки дарӣ, ҷилвакунон меравӣ аз ман,
Шайдо биравад ҳамраҳи он ҷисми тарангат.

* * *

Дар сари бозори ишқат булбули зорам ҳанӯз,
Дарди ишқатро ба нақди ҷон харидорам ҳанӯз.

Ҳарзагӯӣ шуд насибам аз ғаму савдои ту,
Умр бигзашту валекин ҳарзагуфторам ҳанӯз.

Аз ҳадиси лаъли ту лабрез девони фироқ,
Номакида лаъли лабҳои ту, хумморам ҳанӯз.

Эй бути нозофарин, ишқи ту месӯзад маро,
Нуқтаи марказ туию банда паргорам ҳанӯз.

Бар ҳисори сина кардам меҳри ишқат ҳамнафас,
Як ҳуруфи дилкушоеро талабгорам ҳанӯз.

Мекунам даъвои ҳастӣ дар диёри ошиқон,
Андар ин ҷода ҳақиру зору беморам ҳанӯз.

Нола кун, эй булбули шӯридаи гулзори ишқ,
Ман ҳамон Шайдои дур аз боғу гулзорам ҳанӯз.

* * *

Рафтӣ зи барам гарчи ту, эй сарви хиромон,
В-аз дида бирафтиву нарафтӣ зи дилу ҷон.

Борони ғамат рехт ба дунёи дили ман,
Корида ба гулзори дилам ғунчаи армон.

Дар зери қадамҳои ту дил зор бимирад,
Оҳиста қадам неҳ, дили бечора маранҷон.

Ман зулфи сумансои туро сила намоям,
То ҷамъ шавад хотираму зулфи парешон.

Имшаб, ки висоли ту маро гашт муяссар,
Навмед макун, то нашавам бесару сомон.

Дар васфи ҷамоли ту надонам, кӣ чӣ гӯям,
Ташбеҳ ба ҳар гул кунаму беҳтарӣ аз он.

Шайдо накунад тавба зи ишқи гули рӯят
Дасти ману домони туву зулфи парешон.

* * *

Ёрони ноаҳлу дағал, дар чашми ман девонаед,
Бегонахӯ, аз худ ҷудо, побанд андар хонаед.

Шеред гарчи пеши худ, майдонғарибу хонамард,
Эй буздилони дар набард рустамнамо, Рустам наед.

Ҳар лаҳза гирён мешавам аз кору рафтори шумо,
Худро фиребем бо шумо, ҳамсангари афсонаед.

Бо ин ҳама девонагӣ, девона машморед касе,
Ман гавҳари дарёи ишқ, в-аз ишқи ман бегонаед.

Ман обаму дар оташам, в-аз хокаму з-он ҷо наям,
Ман нури аз дур омада, аммо шумо як донаед.

Кибру ғуруру нокасӣ шуд пеша аз бахри шумо,
Ҳайфо, ки ҳамчун, хоки по, дар остони хонаед.

Шайдо, чӣ пандам медиҳӣ, бин, обу лои ман дигар,
Ман мехурам қанду асал, лекин шумо ҳаннонаед.

* * *

Аз рӯи хушат ҳиҷоб баргир,
О, дарди маро намо ту тадбир!

Ман ошиқи зори беқарорам,
Руҳам ба канори ту ҳавогир.

Шабҳо ба хаёли ту нахусбам,
Рӯзу шаби ман якест охир.

Аз оташи ишқи ту натарсам,
Бо сӯз ба қалби ман занӣ тир.

Ҳарфи мани хаста нашнав ту,
Розам бибарад ба ту мубашшир.

Дар боғи биҳишт деҳ қарорам,
Ин хостаи туи мудаббир.

Шайдо дили ту фано нагардад,
Гар зиндагӣ мекунад туро пир.

* * *

Ошиқӣ аз булҳавас омӯхтам,
Сӯхтан аз хору хас омӯхтам.

Нолаву фарёдҳои ишқро
Ман зи овози ҷарас омӯхтам.

Аз китоби ишқ овони фироқ
Нуқта-нуқта ҳар нафас омӯхтам.

Сифросо гирди шаҳди лаъли ёр
Гирд гаштан аз магас омӯхтам.

Посбонии дари дилдорро
Ман зи шабгарду асас омӯхтам.

Пойбандии дари маъшуқро
Ман зи мурғони қафас омӯхтам.

Нестам Шайдосифат побанди даҳр,
Ҳеҷ будан аз абас омӯхтам.

* * *

Ҷонона шояд бӯсае баҳри савобам медиҳад,
Баҳри савобам медиҳад, бо чӣ азобам медиҳад.

Гаҳ масту бехуд мекунад, бо ҷилваҳои дилфиреб,
Бо ҷилваҳои дилфиреб ҷоми шаробам медиҳад.

Зулфаш ҳамоил мекунад, рӯям шамоил мекунад,
Рӯям шамоил мекунад, бар обу тобам медиҳад.

Ишқаш ба ҷонам омада, ишқаш ба ҷонам меравад,
Ишқаш ба ҷонам меравад, худ заҳри нобам медиҳад.

Исосифат ҷон медиҳад, Лайлосифат ҷон мебарад,
Лайлосифат ҷон мебарад, то кай хитобам медиҳад?

Ишқаш ҷавонам мекунад, охир хазонам мекунад,
Охир хазонам мекунад, Шайдо шитобам медиҳад.

* * *

Ай ошиқон, ай ошиқон, моем сармасти шумо,
Ай дилбарон, ай дилбарон, моем побасти шумо.

Ошиқ шумо, содиқ шумо, гавҳар шумо, дарё шумо,
Мо куштаи мижгону он чашми сияҳмасти шумо.

Афтодаву бечораем, ҳасраткаши овораем,
Меҳроби ошиқпешагон абрӯи пайвасти шумо.

Ҳар ҷо шумо дамсози мо, воқиф шумо аз рози мо,
Эй луъбатони ҷонфизо, тақдир дар дасти шумо.

Дар роҳи пурпечи сухан раҳ гум задему гум шудем,
Бегонае аз хештан афтода дар шасти шумо.

Эй ман ғуломи ишқи ту, бори ҷафоро мекашам,
Оед, эй хушталъатон, Шайдои мо масти шумо.

* * *

Таманнои лабат дорад лабонам,
Забонат ангубин андар даҳонам.

Хуш он рӯзе, ки меоӣ бари ман,
Гули хушранги ман, ҷону ҷаҳонам.

Зи сӯзи ишқи ту ҷонам бисӯзад,
Масӯзон ҷисми бетобу тавонам.

Агарчанде набошам лоиқи ту,
Чаро дигар намоӣ имтиҳонам?

Маҳи ширинзабони манн, куҷоӣ?
Ба гулгашти висоли худ расонам!

Дили дилдодаро дилдода мебош,
Шунав ин нолаю шӯру фиғонам.

Мани Шайдо туро ҷӯям, нигоро,
Биё, андар барам, дар назъи ҷонам!

* * *

Худоё, кош боре ком гирам,
Бибӯсам аз лабу ором гирам.

Биё, ҷоно, ба Эрон раҳ бигирем,
Зи ашъори Фурӯғ илҳом гирам.

Канори ҳам, дари майхонаи дил,
Шави ту соқию ман ҷом гирам.

Шароби ноб нӯшам аз лабонат,
Хумори дил зи нори хом гирам.

Намеярзад ҷаҳон бар тори мӯят,
Туро андар ғазал сад ном гирам.

Чунон ширинӣ вақти бӯса кардан,
Намедонам чӣ тур аз лом гирам.

Намегӯӣ, ки Шайдои азизам,
Биё, оғӯш баъди шом гирам.

* * *

Баҳри побӯси ту ман масту хароб омадаам,
Зи раҳи дур чи аҷоиб ба шитоб омадаам.

Каъбаи ишқи ману саҷдагаҳи ҷони манӣ,
Саҷдаи каъбаи худ бо чӣ азоб омадаам.

Лаби ман масти лабу лаъли лабат масти шароб,
З-ин таманно зи раҳи тарки шароб омадаам.

Ту ба саҳрои дилам оташи ишқ овардӣ,
Пеши ту кавсарӣ, чун ташна ба об омадаам.

Дар сари бозии ишқи ту ҷавонӣ дорам,
Ман вафодору ту то рӯзи ҳисоб омадаам.

Сӯи Шайдо бинигар, духтари Фон, баҳри савоб,
Баҳри дидор мани синакабоб омадаам.

* * *

Ман пираму лек дилчавонам,
Коми дили худ зи ту ситонам.

Дар баҳри ғами ту ғарқ гаштам,
Роҳам бинамо, мададрасонам.

Тӯфони муҳаббат аст ишқат,
Ман ташналабам, бад-ӯ расонам.

Асрори фалак ба ту ниҳон аст,
Чун зарра ба ишқи ту ниҳонам.

Эй точи сари ҳама чаҳонҳо,
Бар манзили ёри худ расонам

Эй булбули маст, о,фиғон кун,
Бар гӯши караш расад фиғонам.

Эй душмани аҡлу ҳуши Шайдо,
Афгор шудаст чисму чонам.

* * *

Ба ёди лаъли ширини ту, эй дилдор, мемирам,
Агар рӯзе ба сарвақтам наоӣ, зор мемирам.

Зи устодони худ гирам сабақ дар роҳи ишқ охир,
Ҳилоливор зери санг дар бозор мемирам.

Чу Туғрал ман шаҳиди роҳи ишқат мешавам рӯзе,
Чу Мансури аналҳақ зери чӯби дор мемирам.

Маро дар олами фонӣ фақат ишқи ту бас бошад,
Зи зулми кинаи бадкеш чун Аттор мемирам.

Ба Ҷайҳун афканам худро зи савдои ту чун Собир,
Чу Савдо ман ба савдоят басо ночор мемирам.

Агар кӯрам кунанд, чун Рӯдакиям боз хоҳам рафт,
В-агар чанде яқин донам, ки ман ин бор мемирам.

Ба рӯям бастаанд имрӯз гузаргоҳи Самарқандам,
Зи таркишҳои мина дар раҳи куҳсор мемирам.

Зи дунёву зи уқбо бигзарам андар назар, Шайдо,
Ки баҳри ҳастии ин миллати бедор мемирам.

* * *

Андар ғами ту пардаи ду дида даридам,
Бо ашки чу дарё ба мақоми ту расидам.

Бо ёди ту дар кунҷи харобат нишастам,
В-аз лаъли лабат шаҳд лабибона чашидам.

Хуршеди рухат қалби маро гарчи бисӯзад,
Дар саҳфаи дил ҳусни накӯи ту кашидам.

Овозаи ҳусни ту бишуд то ба Сурайё,
Дар мулки Зуҳал будаму васфи ту шунидам.

Эй войи мани ошиқи дилдодаи Шайдо,
Мурдам зи ғамат, рӯи накӯи ту надидам.

* * *

Эй офтоб, эй офтоб, маштоб бар маъвои ман,
Рӯзе заволат мерасад, чун мешавад дунёи ман.

Торӣ шавад дунёи ту, қалби ману маъвои ту,
Дар гирудори бекасӣ кас нашнавад овои ман.

Хомӯш монад ин замин, бе нозанини дилнишин,
Эй войи ин чархи барин, дунёи пурсавдои ман.

Дар лаб бихушкад хандаҳо, ногуфта рози бандаҳо,
Тақдири инсонӣ чунин, ку ҳамдами яктои ман?

Ҷӯед раҳ дар Каҳкашон, в-аз мо намемонад нишон,
Маъшуқи ошиқпарварам донад ҳама фардои ман.

Эй одамон, эй одамон, ҷӯед дунёи наве,
Бо худ набурда мисрае аз шеъри бемаҷрои ман.

Хомуш гӯ, Шайдо, сухан, чун мурғи хушгӯи чаман,
На ту бимонию на ман, сад вои ту сад вои ман.

* * *

Сад чок андар синаам аз теғи мижгони ту буд,
Ҳар қатра хуне бар лабам аз захми дандони ту буд.

Санги маломат мерасад ҳар гаҳ маро чун барқи оҳ,
Ҳар ғӯласанге бар дилам санги фалахмони ту буд.

Дар олами асрори ман ҳаргиз намондӣ як қадам,
Гарчанд дар силки вафо сад мушкил осони ту буд.

Умрест дар бозори дил роҳи туро ман интизор,
Он бандии бозори ҳусн, Юсуф ба Канъони ту буд.

Лаъли лаби майгуни ту ҷон медиҳад лабташнаро,
Осоиши ҳар ду ҷаҳон аз ганҷи эҳсони ту буд.

Шарм оядам аз мардумон, сӯям накардӣ як нигаҳ,
Дар кӯи ту Маҷнунсифат Шайдои гирёни ту буд.

* * *

Эй санам, ёд кунам, ёд кунам, рӯи туро,
Ба таманно бизанам бӯса сару рӯи туро.

Орзу мебарадам ҷониби сарманзили ту,
Ба сару рӯ бизанам хоки раҳи кӯи туро.

Як диле дораму он шефтаи ишқи ту шуд,
Ташнаам ишқи туву оби лабу ҷӯи туро.

Зи камони ту расад тири нигаҳ бар дили ман,
Бизанам аз таҳи дил сила гесӯи туро.

Дили шайдои маро нест қарор аз ғами ту,
Кай кунад сабр, касе дид раҳе рӯи туро.

Масту гардад дили Шайдои ҳазин ҳар соат,
Ба машомаш бизанад бод агар бӯи туро.

* * *

Лолаи рухсори ту ман, ки начидам, кӣ чид?
Наргиси гулзори ту ман, ки начидам, кӣ чид?

Волаи гулҳои ту ман, ки набудам, кӣ буд?
Ғунчаи асрори ту ман, ки начидам, кӣ чид?

Дидаи шаҳлои ту ман, ки надидам, кӣ дид?
Муғҷаи гуфтори ту ман, ки начидам, кӣ чид?

Қанди лаби лаъли ту ман, ки нахӯрдам, кӣ хӯрд?
Пистаи шаҳвори ту ман, ки начидам, кӣ чид?

Растаи бехори ту ман, ки нагаштам, кӣ гашт?
Резаи ашъори ту ман, ки начидам, кӣ чид?

Волаю Шайдои ту ман, ки набудам, кӣ буд,
Лолаи рухсори ту ман, ки начидам, кӣ чид?

* * *

Эй парипайкар, гули раъностӣ,
Ташнагонро қатраи дарёстӣ.

Васфи ҳусни ту на гуфтори ман аст,
Ошиқонро қиссаи фардостӣ.

Бе ту гулзори дилам фасли хазон,
Боғи дилро накҳати гулҳостӣ.

Тоҷу тахти ишқи ман бошад ғамат,
Олами ишқи маро волостӣ.

Ҳар киро дар дил бувад маъвои ёр,
Дар ҷунуни ошиқон пайдостӣ.

Торикистон буд дилам бе нури ту,
Равшанибахши ҳама дилҳостӣ.

Лаҳзае бо ту бинозам хилвате,
Гӯиё ганҷи ҷаҳон, дорostӣ.

Корвони ишваи ту ишқи ман,
Дилбари дилдодаи Шайдостӣ.

* * *

Омад баҳорон, эй гул куҷоӣ?
Шояд, ки худро боре намоӣ?

Аз сӯзи ишқат парвона гаштам,
То кай ту аз мо созӣ ҷудоӣ?

Саҳро ба саҳро бо ёди рӯят,
Дар нола оям, шояд биёӣ.

Суғди ҷаҳонсӯз дарди маро пурс,
Бар реши қалби мискин давоӣ.

Ман дар фироқат девона гаштам,
Кай бинам аз ту меҳру вафое?

Шайдо ҷигархун дар ҷусту ҷӯят,
Дорад зи лаълат бӯса гадоӣ.

* * *

Мапӯшон рӯи худ ёро,
Бубинам ҳусни зеборо.

Чу гирӣ чодарат аз сар,
Бари ҷону дили моро.

Бичӯянд ошиқон аз ту
Висолу коми дилҳоро.

Надида ҳеҷ кас з-ин пеш
Париваш чун ту Лайлоро.

Нигоро соате бе ту
Бимонад шоми ялдоро.

Зи ҳарфи нотамоми ман
Набошад суд дунёро.

Биё, ай сарви нози ман,
Масӯзон қалби Шайдоро.

* * *

Ашки дилро ман ба домон рехтам,
Аз барои меҳри ҷонон рехтам..

Пеши роҳи дилбари нозофарин,
Сабзаву себарга арзон рехтам.

Гул кунад аз меҳри ман лафзи дарӣ,
Лаъли маънӣ аз Бадахшон рехтам.

Макри Аҳриман ҷаҳон бирбуда буд,
Оташе бар тухми шайтон рехтам.

Сулҳро тавлид созад Офтоб,
Ин гуҳар бар кони Хатлон рехтам.

Ориёӣ то шавад воломақом,
Нури ваҳдат бар Зарафшон рехтам.

Ин манам маъданшиноси кони ҳарф,
Дурри маъниро ба домон рехтам.

Шеъри Шайдо мисли абри навбаҳор,
Ҳарф ҳарфаш ҳамчу борон рехтам.

* * *

Аз таманнои лабат гум шуд, гапи лабҳои ман,
Бо хаёли ту бувад як умр ё Рабҳои ман.

Рӯзи равшан дар нигоҳам гашт бе ту шоми тор,
Равшанӣ дар пай надорад гӯиё шабҳои ман.

Бо хаёлат то саҳар гардидаам бедорхоб,
Дар самои ҳаҷри ту гум гашт кавкабҳои ман.

Чашмаи Уммони чашмам хушк шуд аз сӯзи таб,
Бистару болин бидонад ҳолати табҳои ман.

Моҳи рӯят то ба пеши рӯй гашта ҷилвагар,
Дасту дил шуста ҳама аз моҳи Нахшабҳои ман.

Баъди маргам бар мазори ман, биё, зебонигор,
Гӯй, Шайдо, буд ҳамеша банди матлабҳои ман.

* * *

Аҷоиб дилнавозу хушлиқоӣ,
Валекин дерҷӯи бевафоӣ.

Шунав рози дили раҳмондаеро,
Намехоҳад дигар доғи ҷудоӣ.

Ба савдои рухат барбод гаштам,
Намедонам, ки хуршеди куҷоӣ?

Зи ҳаҷру васли ту дорам ғаму дард,
Ту лекин аз паи чуну чароӣ.

Ба хуни дил навиштам қиссаи ишқ,
Чаро дигар ҷигархун менамоӣ?

Ғазалҳои дилангези мани зор
Яке раҳ бишнав, ар ту ёри моӣ.

Ҳузурат зиндагиро гул кунонад,
Ту бахтӣ, афзал аз мурғи ҳумоӣ.

Шуда зиндони ғам дунёи Шайдо,
Биё, ҷоно, раҳон-ш аз бенавоӣ.

* * *

Кучо шуд дилбари нозукадоям?
Ки афтода зи ишқаш бесадоям.

Кучо шуд созу овози дили зор,
Аз он як кунчи ғурбат гашта чоям?

Навозиш кун дили шӯридаамро,
Ки чун Зоҳир ба васфи ту сароям.

Биё, то коми дил аз ту ситонам,
Саҳар аз хонаат шодон бароям.

Диламро сӯхт, чоно, оташи ишқ,
Ба додам рас, ки муҳточи шифоям.

Зи ишқат ман ба шайдоӣ расидам,
Занӣ аз дар, зи боми хона оям.

Биё, бар ҳусни ту шайдост Шайдо,
Шуда масти хату холи шумоям.

* * *

Ба роҳат дида медӯзам,
Кучҷои оламафрӯзам.

Бинои дил задам оташ,
Ки то ғамҳои дил сӯзам.

Мапӯшон рӯи зеборо,
Ки чун парвона месӯзам.

Зи ишқат боалам гирям,
Бувад ин бахти фирӯзам.

Ҷунун парвардаи ишқам,
Ба ҳар оташ намесӯзам.

Кучҷои Лайлии Шайдо,
Кӣ чун Қайси сияҳрӯзам.

* * *

Ёри мо дар ҳаваси ишваву ноз аст, мапурс,
Дили савдозада дар сузу гудоз аст, мапурс.

Чӣ шавад, раҳ бикушоям ба сари зулфи хушаш,
Раҳи он зулфи пароканда дароз аст, мапурс.

Дар лаби рӯди равон ташна ба дидори туам,
Лаби ман ташнаи гулҳои Ҳиҷоз аст мапурс.

Хоҳам аз ҷон, ки ба зери қадамат хок шавам,
То ба Макка раҳи ман шебу фароз аст, мапурс.

Дам ба дам дасти дуо сӯи ту ман боз кунам,
Дари Ризвон ба қадамҳои ту боз аст мапурс.

Чашми ҷодуи ту Шайдои туро аз худ бурд,
Ин ҳама сӯз паси пардаи роз аст мапурс.

* * *

Ҷонона, биё, баҳор бигзашт,
Мавҷи гулу лолазор бигзашт.

Бо бӯи гулу навои булбул,
Бе соғару май хумор бигзашт.

Эй ёри азиз, ёд бодат,
Базму тараби ҳазор бигзашт.

Эй мониси ҷон ҷони хаста,
Дар роҳи ту интизор бигзашт.

Аз ҷавшани ҷони қалби зорам
Дарду ғами ту қатор бигзашт.

Мафреб маро дар интизорӣ,
Сабр аз дили беқарор бигзашт.

Дарёи ғам аз ду чашми Шайдо
Аз ҷавру ҷафои ёр бигзашт.

* * *

Моҷарои ишқи ман девон шуда,
Раҳнамои роҳи гумроҳон шуда.

Ошиқам, бе рӯи хубат чун кунам,
Дарди ман бисёр бедармон шуда.

Қоматам аз ғам хамиду дол шуд,
Дил ҳарифи новаки мижгон шуда.

Нозанино, маҳҷабино, ашки ман
Қатра -қатра рӯди пуртӯғён шуда.

Бар рақибон қанди лаб арзон шуда,
Баҳри ошиқ, лек даҳчандон шуда.

Дил рабуд, эй ҷон, надонам чун кунам,
Тундхӯ ҳоло ба қасди ҷон шуда.

Номи Шайдо маҳв шуд аз хотираш,
Дар сари кӯяш чӣ саргардон шуда.

* * *

Мезанад худро ба соҳил мавҷи нооромии дил,
То зи нури оразат равшан намояд шоми дил.

Дар фазои ишқи мо абри сияҳ пайдо шуда,
Ё магар ашки надомат мечакад бар боми дил?!

Шӯришу тӯфони сина то ба кайҳон мерасад,
Лек з-он боре нашуд ҳосил ба олам коми дил.

Дидаи ман интизори мақдами ёр асту бас,
Беқарориҳои мо овоза шуд бо номи дил.

Ёр чун боди сабо форам ба манзил мерасад,
Мепазад Шайдо зи дидораш кабоби хоми дил.

* * *

Эй боди сабо, қосиди дунёи дилам шав,
Зармоҳии афсонаи шабҳои дилам шав.

Эй боди сабо, боди муроди дили мо бош,
Худ ҳодии он киштии дарёи дилам шав.

Боз ор ба мо замзамаи мурғи хушалҳон,
З-он ҳамнафаси булбули гӯёи дилам шав.

Аз ҷустани он хоста мо обилапоем,
Аз марҳаматат мурғи шакархои дилам шав.

Мо хоҳиши худро ба ҷуз аз ёр нагӯем,
Ту хостаи хоҳиши беҷои дилам шав.

Шайдо, ғараз аз дурии дилдор чӣ бошад?
Эй пандашунав, чораи ғамҳои дилам шав!

* * *

Имрӯз дар саҳни чаман сарви равони ман набуд,
Дар байни симинталъатон ороми ҷони ман набуд.

Ман ташнаи лаъли лабаш будам, дареғо, ҳасрато,
Дар рӯдбори толеам оби равони ман набуд.

Ҷони ҳазин бар лаб расид аз иштиёқи рӯи ӯ,
Товуси бахти ҷонфизо бар ошёни ман набуд.

Дар бӯстони дилкушо бо қумриён будам қариб,
Аммо миёни бӯстон тобу тавони ман набуд.

Бе ҳарфи лаъли дилкашаш аз хештан рафтам бурун,
Дунёи зебо бо гулу сабза ҷаҳони ман набуд.

Аз пешаи ҷӯяндагӣ охир қалам бардоштам,
Гарчанд касби шоирӣ аз армони ман набуд.

Шайдои ошиқпешаро ганҷи ниҳоне гаштаӣ,
Ганҷина меҷӯям, вале ганҷи ниҳони ман набуд.

* * *

Нигар, ман ҳамчу дарёи равонам,
Сафина то ба соҳил мерасонам.

Ба ҷуз ишқат дигар пеша надорам,
Бисӯзад дар хаёлат ҷисму ҷонам.

Ҳарифи нотавони ишқи ёрам,
Суруди нотамоми ошиқонам.

Мани мискин надонам роҳи кӯят,
Бурун н-оям даме аз ошёнам.

Биё, то хуш бисӯзам аз ғами ту,
Ҳама дам аз ғамат дар имтиҳонам.

Худоё, ман намедонам, чӣ гӯям,
Зи доғу ҳасрати сарви равонам.

Ҳама гуфтори ман суде надорад,
Зи ҳиҷронат бисӯзад устухонам.

Сабо, шав қосиди Шайдои хаста,
Расон бар ёри мо рози ниҳонам.

* * *

Намехоҳам, вале рӯзе зи ту бегона хоҳам шуд,
Зӣ ҳиҷронат, азизи ман, яқин девона хоҳам шуд.

Ба он чашмони махмурат рабудӣ ту қарорамро,
Ба ёди лаъли майгунат ба ҳар майхона хоҳам шуд.

Сари зулфи парешонат, чӣ хуш як накҳате дорад,
Ба он зулфи парешонат, биё ман шона хоҳам шуд.

Биё, эй бевафо имрӯз, маро фардо нахоҳи ёфт,
Фақат дар ёди ту чун қиссаву афсона хоҳам шуд.

Фиғон аз олами фонӣ, ба хокам мебарад рӯзе,
Ба сӯи ҷовидониҳо аз ин вайрона хоҳам шуд.

Кучҷоӣ дилбари Шайдо, чаро гашти ту нопайдо,
Биё, ман гирди рухсорат, ки чун парвона хоҳам шуд.

* * *

Маҳрами асрори манӣ, эй нигор,
Аз ғами ту гиря кунам зор- зор.

Сабр каму ишқи ту афзун шуда,
Дард кашам дар ҳавасат бешумор.

Фитнагари сангдили бадҳуруф,
То ба каям мекунӣ ту захми хор?

Эй ба хироме бариям ақлу ҳуш,
Мекушӣ ҳар лаҳза маро , ин чӣ кор?

Ҳусни накӯятзада оташ ба ҷон,
Аз ғами ишқи ту шуда дил фигор.

Дил ба хами зулфи чу чавгони ту,
Гӯй шуду мӯй шуду тор -тор.

Мулки тан аз ишқи ту оташ гирифт,
Мон, ки шавам хоки раҳат, гулхумор.

Синаи Шайдо зи ғамат пур шуда,
Ҷоми ғам аз ишқи ту буд ёдгор.

* * *

* * *

Ба дарди худ даво ҷустам,
Шифокору шифо ҷустам.

Шифокоре нашуд пайдо,
Мадад аз авлиё ҷустам.

Зи қисмат бохабар будам,
Ба худ роҳи хато ҷустам.

Вале роҳи ҳақиқатро
Зи панди Мустафо ҷустам.

Насиму накҳати гесӯш
Зи маҷрои сабо ҷустам.

Ва ё сабру таҳаммулро
Зи санги осиё ҷустам.

Тариқи ростгӯиро
Зи чини гӯниё ҷустам.

Ба Шайдо кони осоиш
Зи даргоҳи Худо ҷустам.

* * *

Бихоҳам, ки ҷавон монам,
Ҷавону комрон монам.

Ва ё ҳамчун ғазалҳоям
Ба қалби ошиқон монам.

Чу як истора дар гардун
Ба роҳи Каҳкашон монам.

Зи абри кинаву андӯҳ
Ҳамеша дар амон монам.

Намехоҳам, намехоҳам,
Бимирам, бенишон монам.

Ба дунёи ғазал, Шайдо,
Чу рамзи ахтарон монам.

* * *

Чӣ сон аз ҳасрату аз ғам гурезам?
Чӣ сон аз дидаи пурнам гурезам?

Бувад чун хоки мо аз шодию ғам,
Чӣ сон аз шодию мотам гурезам?

Агар бошам сиҳатманду тавоно,
Зи ҷудии беҳади Ҳотам гурезам.

Ба ташна қатра дарё менамояд,
Чӣ сон аз қатраи шабнам гурезам.

Надидам ҳеҷ рӯзи рӯшноӣ,
Аз ин ваҳшатсаро хоҳам гурезам.

Маро як лаҳза бо Шайдо гузоред,
Зи ёри мунису ҳамдам гурезам.

* * *

Худамро ҳамсафи парвона хонам,
Зи ишқи дигарон бегона хонам.

Дилам вайронае гашта зи ҳиҷрон,
Варо ганҷинаи вайрона хонам.

Куҷоӣ, Лайлии мулки дили ман?
Худамро дар ҷаҳон девона хонам.

Равам майхонаву паймона гирам,
Аламҳои дилам майхона хонам.

Чӣ гӯям аз ҷафои он ҷафокор,
Ҷафояшро фақат дар хона хонам.

Маранҷ, эй бевафо, аз ҳарфи Шайдо,
Туро гар то абад ҷонона хонам.

* * *

Эй Ғезани азиз, ту зодгоҳи ман,
Эй кӯҳи Авлиё, ту саҷдагоҳи ман.

Эй кӯҳу эй камар, ту қиблаи мурод,
Ту орзуи дил, сӯят нигоҳи ман.

Эй деҳаи азиз, як пораи Ватан,
Ту хонаи умед, пушту паноҳи ман.

Сарчашмаҳои ту лабташнаро чу ҷон,
Ман ташнаи туам, сӯи ту роҳи ман.

Ҳар тахтасанги ту санги мазори ман,
Дар зери пои ту оромгоҳи ман.

* * *

Комронӣ аз ҷафоят ёфтам,
Меҳрубонӣ аз вафоят ёфтам.

Менавозӣ тори дил бо сад ҷафо,
Сабки худро аз навоят ёфтам.

Борҳо додӣ маро гарчи фиреб,
Ростгӯӣ аз хатоят ёфтам.

Баҳри дарди худ басе ҷустам даво,
Марҳами ҷон аз шифоят ёфтам.

Дар фазои ишқ чун Шайдои ту
Роҳи васл аз хоки поят ёфтам.

* * *

Ҷоно, биё, ишқат гуфту гузор дорам,
Сад тири мижаи ту дар дил қатор дорам.

Ишқи туро, нигоро, дар сина парваридам,
З-ин рӯ ба боби мастӣ авҷу барор дорам.

Боз о ба ғамза, эй гул, як бӯсае бубахшо,
Бар бодаи лаби ту ҳоло хумор дорам.

Эй умр, мешитобӣ, бингар ба олами дил,
Аз дарду ҳаҷри ҷонон савти хазор дорам.

Бар қатли ман, рақибо имрӯз мешитобӣ,
Худ ҷой то қиёмат, кунҷи мазор дорам.

Мутриб биёю мехон ашъори дарди Шайдо,
Аз сӯзи ишқи ҷонон дар дил шарор дорам.

* * *

Намехоҳам дигар рӯи ту дидан,
Зи ту ҳарфи хушеро ҳам шунидан.

Намехоҳам дигар пеши ту рафтан,
Ба гулгашти висоли ту расидан.

Бимирам ташналаб андар раҳи ишқ,
Нахоҳам оби васли ту чашидан.

Дилам машқи ғаму андӯҳ зи ҷавр,
Кунун дорад ба сар фикри кафидан.

Чӣ ҳоҷат рафтанам аз хона берун,
Лаби паймонаи холӣ макидан.

Ту ки бо ман сару коре надорӣ,
Чӣ ҳоҷат аз паят умре давидан?

Агар чанде ҷафокорӣ намудӣ,
Нахоҳам гарди ғам бар ту расидан.

Зи бозори ҷафои худ, нигоро,
Надорӣ майли Шайдоро харидан.

* * *

Хоҳам майи ноби арғувонӣ
Аз ҷому сабӯи ёри ҷонӣ.

Аз хеш барад маро хумораш
То олами дигаре ниҳонӣ.

Хуш мавсими навҷавониям рафт,
Ман ташнаи оби зиндагонӣ.

Бе рӯи ту ин ҷаҳон мабодам,
То кай аламат зи ман ситонӣ?

Дастат ба дили пуроташам нех,
Ҷононаи ман, агар тавонӣ.

Дилбастаи мӯю рӯям, эй ёр
Ман ошиқи ту, агар надонӣ.

Шайдо ҳама дам ба ёди рӯят,
Аз ишқи ту мекунад ҷавонӣ.

* * *

Бастаи зулфи парешони парирӯй шудам,
Бандаи нозу адои гули худрӯй шудам.

Ҷону дил ҳарду фидои қади зебои ту бод,
Куштаи теғи нигаҳ дар хами абрӯй шудам.

Ман киям, хоки раҳам, ё гули наврустаи ишқ,
Муҳр бар лаб зада худ ошиқи бадхӯй шудам.

Мани ошиқ чӣ кунам, то ки биёӣ ба барам,
Чун хумории ҳамон холи бари рӯй шудам.

Файзи маҳтоби рухат мебарадам ҷониби хок,
З-ин сабаб баҳри ту Шайдои ғазалгӯй шудам.

* * *

Дило, дар ошиқӣ нодон чароӣ?
Даме хандон, даме гирён чароӣ?

Ба майдони набарди ошиқона,
Далерӣ гаҳ, гаҳе тарсон чароӣ?

Ба хун оғушта дар худ метапӣ ту,
Ба мулки сина нофармон чароӣ?

Баҳори хуррами умри ту бигзашт,
Гирифтори ғаму ҳирмон чароӣ?

Шайдо наранҷӣ, зи ҳарфи нохуши ман,
Ту бемориию бедармон чароӣ?

# ДУБАЙТИҲО

* * *

Чӣ мешуд, бар висолат мерасидам,
Лабони нозукатро мемакидам.
Чу Беҳзоди мусаввир сурататро
Ба авроқи дили худ мекашидам?!

* * *

Худоро дар дилат ҷустан биёмӯз,
Зи кибру аз манӣ рустан биёмӯз.
Дили худро ибодатгоҳ месоз,
Ва номаш доимо гуфтан биёмӯз.

* * *

Хурокам ангубину шири ору,
Надорам эҳтиёҷи нӯшдору.
Намеёбӣ чунин дору ба олам,
Ҷаҳонро гар кунӣ сад раҳ тагорӯ.

* * *

Шумо чун мардуми худношиносед,
Шумо одамсифат зери либосед.
Ба ҷуз худ дар ҷаҳон касро набинед,
Шумо Шайдои худ кай мешиносед?

* * *

Гирифтори ҷафои ёрам, эй дил,
Гаҳе масту гаҳе ҳушёрам, эй дил.
Чунон ошуфтаам, бо худ наоям,
Зи дарду доғи ту беморам, эй дил.

* * *

Зи ишқат дар ҷаҳон афсона гаштам,
Зи ҳаҷрат хаставу девона гаштам.
Аз он рӯзе, ки рафтӣ аз бари ман,
Чу махмурон дари майхона гаштам.

* * *

Зи ишқат оташе андар вуҷудам,
Зи ҳаҷрат бар фалак печад сурудам.
Тасаллои дили Шайдо ту бошӣ,
Набуд ишқи ту, дар олам набудам.

* * *

Шитобон меравӣ, сӯям назар кун,
Зи озори дили Шайдо ҳазар кун.
Биё, эй Офтоби шабфурӯзон,
Назар бори дигар сӯи Қамар кун.

* * *

Ту ҳастӣ сархати байту сурудам,
Ту ҳастӣ маншаи ақлу вуҷудам.
Марав аз дидаи Шайдои ошиқ,
Ки бе ту меравад аз сина дудам.

* * *

Нигоро, аз ҷафои ту харобам,
Зи ҳаҷру оташи ишқат кабобам.
Лабатро бар лабони хушки ман неҳ,
Бидеҳ аз лаъли майгунат шаробам.

* * *

Мани лабташна умре бемадорам,
Ба нӯши лаъли ҷонбахшат хуморам.
Рақибони маро роҳатфизоӣ,
Чаро дар назди ту беэътиборам?

* * *

Нигоро, аз ғамат Шайдо адо шуд,
Гирифтори ғаму дарду бало шуд.
Кучоӣ маҳваши маҳрӯи ошиқ,
Ки умрам дар раҳат охир фано шуд.

* * *

Сиришки дидаам резад чу борон,
Бирӯяд аз замин гулбаргу райҳон.
Намехоҳам бимирам, хок гардам,
Дареғо, меравад рӯзе зи ман ҷон.

* * *

Ҷаҳони қалби ман наврӯз дорад,
Баҳори хурраму хушрӯз дорад.
Маро аз ошиқӣ ҳарфе мапурсед,
Тариқи ошиқӣ сад сӯз дорад.

* * *

Агарчанде маро ту менахоҳӣ,
Ба кӯят меравам, хоҳӣ, нахоҳӣ.
Худоё, хонаат обод бошад,
Набинад қалби ту доғи сиёҳӣ!

* * *

Магӯ айби касон, андак биёндеш,
Чу гӯӣ айби кас, айбат шавад беш.
Ба рӯи хок фарди бегунаҳ нест,
Гунаҳкоранд ин ҷо шоҳу дарвеш.

* * *

Биё, ман аз ғамат девона гардам,
Ба сони ошиқон афсона гардам.
Бигардам гирди шамъи орази ту,
Шавам беболупар, парвона гардам.

* * *

Насими анбарин бӯи ту овард,
Зи тан ҷони ҳазини ман баровард.
Маро бо хоки тира карда яксон,
Ба ҷисми хокии ман ҷон даровард.

* * *

Аз он рӯзе ки қадди ту дуто шуд,
Даруни синаам ишқи ту ҷо шуд.
Биё, эй ишқиаври навҷавонӣ,
Ки он зебосанам аз ман ҷудо шуд.

* * *

Табиби ҳозиқу ғамхори моед,
Насиму накҳати гулзори моед.
Нигаҳбони шумо бошад Худованд,
Давои дарди ҳар бемори моед.

* * *

Биё, дарди дилатро ман давоям,
Гиреҳ аз қалби беморат кушоям.
Агарчанде шуморӣ бевафоям,
Ман он дилдодаи ҳусни расоям.

* * *

Чаро ман як даме беғам набошам?
Чаро ҳамтинати Ҳотам набошам?
Биё, эй шуълаи бахти баландам,
Ки ман аз дигарон ҳам кам набошам.

* * *

Ба ту рози дилам гӯям, нагӯям,
Шамими зулфи ту бӯям, набӯям?
Ту ки бо ман сару коре надорӣ,
Чӣ сон меҳру муҳаббат аз ту ҷӯям?

* * *

Биё, эй ишқи даври навҷавонӣ,
Зи нав ошиқ шавам аз ту ниҳонӣ.
Нависам номаҳои ошиқона,
Зи ман қосид барад, то ту бихонӣ.

* * *

Чи хуш зебо бувад фасли зимистон,
Ба зери барф хобад боғу бустон.
Чу Наврӯз ояд, аз нав сабз гардад
Гулу себаргаву саҳни гулистон.

* * *

Ба ту дил додаму аз ту дилам монд,
Зи ту осори ғам дар манзилам монд.
Бисӯзам то қиёмат дар фироқат,
Ғаму сӯзи фироқат дар гилам монд.

* * *

Навои зиндагӣ аз сур ояд,
Ба тан ҷони азиз аз нур ояд.
Сиришта ҷисми мо аз хоку аз нур,
Аз ин рӯ оби чашмам шӯр ояд.

* * *

Куҳистон чашмаи бисёр дорад,
Гулу себаргаву гулхор дорад.
Бувад зебо тамоми фасли солаш,
Зимистонаш каме озор дорад.

* * *

Чи сон зебо бувад хандидани гул,
Қаву себаргаву садбаргу сунбул.
Зи нав бахшоядам илҳоми тоза
Навои фохта, қумрию булбул.

* * *

Ба олам номи модар ҷовидон аст,
Гунаҳбахшу ҳалиму меҳрубон аст.
Зи ҳарфи Сарвари олам бигӯям:
«Ки ҷаннат зери пойи модарон аст».

* * *

Гузаштӣ чун сабо ту аз бари ман,
Накардӣ як нигоҳе бар дари ман.
Гули ишқи маро помол кардӣ,
Миёни ошиқон шуд хам сари ман.

* * *

Ба носури дилам то кай занӣ неш,
Дили девонаи ман мешавад реш.
Зада неши дигар бар қалби решам,
Насозӣ раҳм бар Шайдои дарвеш.

* * *

Ба мардум қасди озоре надорам,
Зи кас ман миннату боре надорам.
Худовандо, кунун дасти маро гир,
Ба ҷуз ту дар ҷаҳон ёре надорам.

* * *

Муҳаббатҳои модар як ҷаҳон аст,
Ба фарзандон азизу меҳрубон аст.
Ҳаким асту ҳалим асту гунаҳбахш,
Аз ин рӯ номи модар ҷовидон аст.

* * *

Биё, дарди дилатро ман давоям,
Гиреҳ аз қалби беморат кушоям,
Маро бадном кардӣ дар муҳаббат,
Ман он дилдодаи ҳусни шумоям.

* * *

Баҳор омад, куҷоӣ, ёри ҷонӣ?
Биё баҳри дилам, гар метавонӣ.
Шудам пазмони меҳру бӯсаҳоят,
Ту бо ман мекунӣ кай меҳрубонӣ?

* * *

Харидори туам бо ҷону бо дил,
Вафодори туам бо ҷону бо дил.
Маро аз даргаҳат сад бор ронӣ,
Гирифтори туам бо ҷону бо дил.

* * *

Чаро имшаб намеоӣ канорам?
Ба ёди рӯи ту дилбеқарорам.
Нишинӣ соате паҳлӯи Шайдо,
Ба ту рози дили ногуфта дорам.

* * *

Биё, эй бевафо, чашми тарам бин,
Дили зору сафедии сарам бин.
Биё, Исодами Шайдои ошиқ,
Зи ғам хушкида қалбу пайкарам бин.

* * *

Кучоӣ, дилбари деринаи ман?
Задӣ теғи ҷафо бар синаи ман.
Шудам пазмони теғи ҷодувонат,
Бибахшо, синаи бекинаи ман.

* * *

Биё, имшаб шавам бо ту ҳамоғӯш,
Ситонам коми дил аз он лаби нӯш.
Шудам пазмони меҳру бӯсаҳоят,
Магар кардӣ ту Шайдоро фаромӯш?

* * *

Нигори нозанину моҳи хубон,
Азизию бароям беҳтар аз ҷон.
Манам дилдодаи роҳи ҳақиқат,
Дили шӯридаи моро маранҷон.

* * *

Ҳамеша ошиқи рӯи ту будам,
Чу Маҷнун солики кӯи ту будам.
Маро бадном кардӣ, шод бошӣ,
Асиру бастаи мӯи ту будам.

* * *

Нигоро, рӯи ту мисли баҳор аст,
Ду рухсори базебат лолазор аст.
Баҳору зиндагӣ бо туст зебо,
Туро Шайдои ошиқ интизор аст.

* * *

Чаро дар зиндагӣ ором бошам?
Асири умри бадфарҷом бошам?
Маро аз толеъи худ шарм ояд,
Миёни мардумон бадном бошам.

* * *

Биё, эй дилбари ошиқнавозам,
Ман аз меҳру вафоят сарфарозам.
Маро аз ҳусну ишқат ифтихор аст,
Аё гулчеҳра, аз нози ту нозам.

* * *

Нигоро, бӯи мӯят сунбулистон,
Саропоят бувад ҳамчун гулистон.
Баҳор аз ҳусни хубат нусха дорад,
Барои ман ту бошӣ беҳтар аз ҷон.

* * *

Диламро аз ғами ту тоза кардам,
Вафоят бо ҷафо андоза кардам.
Зи ту меҳру вафоятро надидам,
Ситамҳои туро овоза кардам.

* * *

Бирафтӣ аз канорам, ёри ҷонӣ,
Рабудӣ аз мани Шайдо ҷавонӣ.
Нигар, бар пирию мухтоҷии ман,
Надида рӯзи хуш дар зиндагонӣ.

* * *

Маро, эй бевафо, овора кардӣ,
Дилам озурдаву садпора кардӣ.
Напурсидӣ, ки Шайдоят куҷо шуд?
Ба дардам кай давову чора кардӣ?

* * *

Шукуфонӣ чу гул, доим шукуфон,
Зи нозу ишваат ман лолу ҳайрон.
Набинад умри ту фасли хазонро,
Ҳамеша рӯи ту бошад гулафшон!

* * *

Намепурсад касе арзи диламро,
Ба яғмо рафта донӣ ҳосиламро.
Худоро, аз барам боре гузар кун,
Напурсидӣ ту боре мушкиламро.

* * *

Нигоҳи оҳуосоят базеб аст,
Саропо ҷилваат мардумфиреб аст.
Шудам мафтуни ҳусни дилфиребат,
Маро оғӯши гармат кай насиб аст?

* * *

Танам дарду дилам дарду сарам дард,
Ба роҳи мақдамат чашми тарам дард.
Куҷоӣ, эй табиби дарди Шайдо?
Зи сӯзи ишқи ту хокистарам дард.

* * *

Чаро маҳви рухи зебо набошам,
Каси лабташнаро дарё набошам?!
Ба гулгашти баҳори ошиқона,
Чаро чун булбули гӯё набошам?!

* * *

Куҷоӣ, нозанини беназирам,
Фақат ишқи туро ман мепазирам.
Туро Шайдои ошиқ интизор аст,
Ба сарвақтам биё, ки мунтазирам.

* * *

Дар ин олам чу ту зебо надидам,
Азизу дилкашу барно надидам.
Биё, биншин, шунав рози дили ман,
Ки бе ту роҳати дунё надидам.

* * *

Писарҷонам, анису меҳрубон бош,
Каси афтодаро роҳатрасон бош.
Бипарҳез аз дурӯғу кинаву бухл,
Ба ҳар бечорае ганҷи равон бош.

* * *

Куҷоӣ, дилбари ҷононаи ман?
Биё як лаҳза бар кошонаи ман.
Намонам то абад дар тирарузӣ,
Фурӯзон кун чароғи хонаи ман!

* * *

Шамолак мевазад орому форам,
Ба рӯям мерасад чун зулфи ёрам.
Худовандо, ту ёри мо нигаҳ дор,
Таманнои дигар аз ту надорам.

* * *

Равам Оби Сафеду Юрти Сорӣ,
Туро бинам, вале парво надорӣ.
Ҳамеҷӯям туро дар Обшорон,
Бимурдам дар раҳат аз интизорӣ.

* * *

Ба олам як каси беғам надидам,
Варо дар дудаи Одам надидам.
Намедонам, чӣ бошад, эй Худоҷон,
Касеро дидаи бенам надидам.

* * *

Биё, имшаб лабонатро бибӯсам,
Ду абрӯи камонатро бибӯсам.
Барои ман замину осмонӣ,
Замину осмонатро бибӯсам.

* * *

Биё, дарди дилатро ман давоям,
Гиреҳ аз қалби беморат кушоям.
Вафодори туам бо қимати умр,
Ман он дилдодаи ҳусни расоям.

* * *

Биё, эй нозанини дилнишинам,
Ҷамоли оламороят бибинам.
Талаб дорам зи даргоҳи Илоҳӣ,
Хазони рӯи зебоят набинам.

* * *

Лабат қанду лабат қанду лабат қанд,
Маро то кай фиребию диҳӣ фанд?
Ба ҷон омад дилам аз ваъдаҳоят,
Диламро мерабоӣ бо шакарханд.

* * *

Лабат қанду лабат қанду лабат қанд,
Бихоҳам аз лабонат бӯсае чанд.
Чӣ сон сӯят равам, эй гулбуни ноз,
Ба рӯям баста шуд роҳи Самарқанд.

* * *

Лабат қанду лабат қанду лабат қанд,
Диламро бо дилат месоз пайванд.
Маро ту хор кардӣ, зор кардӣ,
Бикуштиям ба нозу бо шакарханд.

* * *

Задӣ теғи ҷафо бар қалби зорам,
Бимирам дар ғамат, парво надорам.
Ҷафоҳое, ки кардӣ, мепазирам,
Вале меҳру вафоят интизорам.

* * *

Макун бовар ба ҳарфи фитнамардум,
Чу рӯбоҳ аз қафоят мезанад дум.
Вафодорӣ махоҳ аз баччаи гург,
Зи ҷав ҳаргиз нарӯяд дони гандум.

* * *

Аё модар, худои хонадонӣ,
Гунаҳбахшу азизу меҳрубонӣ.
Талаб дорам зи даргоҳи Илоҳӣ,
Диҳад бар ту ба олам комронӣ.

* * *

Ман он дилдодаи мафтуну зорам,
Ба ёди бӯсаҳои ту хуморам.
Намедонам, куҷо ҷӯям нишонат,
Ба ҳиҷронат дигар тоқат надорам.

* * *

Ту ёри беҳтар аз ҷонӣ, гули ман,
Ту гулбаргию райҳонӣ, гули ман.
Ҷаҳону зиндагӣ бо ту базеб аст,
Ҳаёти ман, бале, онӣ, гули ман.

* * *

Миёни ҷони ман ҷойи ту бошад,
Ба рӯи қалби ман пои ту бошад.
Вале бо ин ҳама ҷавру ҷафоҳо
Дилам пазмони фармони ту бошад.

* * *

Чи хуш фасли баҳору лолазораш,
Навои фохта, савти ҳазораш.
Равам бо ёри ҷонӣ сайри гулшан,
Нишинам лаҳзае андар канораш.

* * *

Чаро мо аз пайи озор бошем?
Ба пойи якдигар чун хор бошем?
Чаро мо нокасу бадхоҳу бадхӯ,
Зи рӯи якдигар безор бошем?

* * *

Зи кӯи ту гузар кардам, гули ман,
Ба сӯи ту назар кардам, гули ман.
Қадам чун бар раҳи ишқи ту мондам,
Раҳамро пурхатар кардам, гули ман.

* * *

Куҷоӣ, нозанини дилнавозам,
Аниси дил, қарини чорасозам?
Ту ҳастӣ сархати байту сурудам,
Ки бошӣ боиси умри дарозам.

* * *

Басо дар зиндагӣ озор дидам,
Ғаму дарду алам бисёр дидам.
Намепурсад касе аз ҳоли зорам,
Ки худро бекасу бас хор дидам.

* * *

Гули рӯи хушат фасли баҳор аст,
Ду рухсори базебат лолазор аст.
Ду абрӯи ба ҳам пайвастаи ту
Аҷоиб дилкашу мардумшикор аст.

* * *

Намеоӣ дигар хоки мазорам,
Намепурсӣ ту аз қалби фигорам.
Зи ту дасти дуо мехоҳам, эй дӯст,
Ба зери хоки тира хору зорам.

* * *

Худовандо, чаро хорам ту кардӣ?
Ғаму дарду алам борам ту кардӣ.
Чӣ бад кардам ба даргоҳат, Худоё,
Ба олам пиру беморам ту кардӣ.

* * *

Чи хуш бо ёри ҷонӣ зиндагонӣ,
Ҳамеша гар кунӣ ту меҳрубонӣ.
Чароғи ишқи мо хомӯш гардад,
Ба пирӣ мебарад ишқи ҷавонӣ.

* * *

Лабат шаккар, лабат қанду лабат шир,
Макидам лаъли майгунат, шудам сер.
Зи оғӯшам марав, ман дилҷавонам,
Маломат ту макун, гӯё шудам пир.

* * *

Лабат лаълу лабат қанду лабат май,
Бихоҳам аз лабат бӯсам паёпай.
Ба ҷону дил сароям ишқи покат
Ба оҳанги дутору таблаку най.

* * *

Ту раъноӣ, ту зебоӣ, гули ман,
Ту ёри қалби Шайдоӣ, гули ман.
Маҷӯ дигар ҷудоӣ аз канорам,
Ту ёри ҳар ду дунёӣ, гули ман.

* * *

Кучоӣ, дилнишини дилрабоям,
Шикастӣ қомати сарви расоям.
Биё, шав муттакои даври пирӣ,
Набардорад дигар ғамро асоям.

* * *

Намехоҳад маро ҷононаи ман,
Намеояд дигар бар хонаи ман.
Азизонам, чӣ кардам, худ надонам,
Кунун оташ занад кошонаи ман.

* * *

Сиҳатманду тавонову ҷавонед,
Вале бо ҳамдигар номеҳрубонед.
Ба даст оред қалби ҳамдигарро,
Зи баъди чанд пиру нотавонед.

* * *

Шаробам деҳ, шаробам деҳ, шаробам,
Шавам масту ба ёди ту бихобам.
Саҳар хезам, равам кӯи ту ҷӯё,
Зи ишқат беқарору дилкабобам.

# ҲИКМАТ

* * *

Тифлро аз хурдияш омӯз адаб,
Дар бузургӣ то нагардад беадаб,,.
Беадаб фарзанд агар бошад мабод,
Аз Худо фарзанди солеҳро талаб.

* * *

Тире зи Худо садо надорад,
Чун мерасадат, даво надорад.
Мағрур машав зи мансаби хеш,
Ин дори фано бақо надорад.

# БАЙТҲО

Чӣ ҳоҷат аз тавофи санги Каъба?
Накардӣ заррае парҳезу тавба.

Набошад гар туро инсофу имон,
Чӣ ҳоҷат, бишмарӣ худро мусулмон?!

Бипарҳез аз ҷафои ёри ҷонӣ,
Ки рӯзе ногаҳон танҳо намонӣ.

Худоро, ҳамватан андар ватан ҷӯй,
Насимаш аз гулу боғу чаман бӯй.

Чӣ ҳоҷат гиря кардан баъди маргам,
Зӣ ашки ту нарӯяд шоху баргам.

Ятимеро агар озор додӣ,
Ба рӯи худ дарӣ дӯзах кушодӣ.

Тавофи каъбаи маънӣ чӣ донӣ,
Агар як саҳфаи Қуъон нахонӣ!

Агар бошӣ тавонову забардаст,
Ба озори дили мардум мазан даст.

Ба молу зар нашав беҳуда мағрур,
Надорад бар ту суд андар таҳи гӯр.

Мадад кардӣ ту фарди бенаворо,
Худо гирад ҳаме дасти шуморо.

Ҳар киро дар дил набошад ишқи ёр,
Дар ду олам ӯ бимонад хору зор.

Мабар дасти талаб, эй ёри ҷонӣ,
Ба пеши нокасон, то метавонӣ.

**Ин китоб бо тамғаи нашриявии «Адиб» чоп шудааст.**

**МУЛЛО ҚУРБОНИ ШАЙДО**

# ЧАМАНИ ИШҚ

Ороиши *Раҳмонӣ Орзу*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 18.03.2016 супорида шуд.
Чопаш 25.03.2016 ба имзо расид. Андоза 60х84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 10. Адади нашр 200 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17а

Дар матбааи «Ҳотамиён» ба табъ расидааст.